201__ nomidagi
A O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

20 майи соли 2020. Чоршанбе
№ 31 (14630)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ДАСТГИРИИ АҲОЛӢ ВА СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ КОРОНАВИРУС

Бо мақсади ҳавасмандгардонии афзоиши иқтисодӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ, барқарор кардани суръати истеҳсолот, баланд бардоштани шуғл, зиёд гардондани даромади аҳолӣ ва дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи пандемияи коронавирус:

1. Дар давраи аз 1 июн то 1 сентябри соли 2020 **инҳо аз додани андози амвол ва андози замин** озод карда шаванд:

субъектҳои соҳибкории хурд;

бозорҳо ва маҷмӯъҳои савдо, кинотеатрҳо, корхонаҳои хӯроки умумӣ, нақлиёти ҷамъиятӣ, иншооти варзишиву солимгардонӣ, инчунин шахсони ҳуқуқие, ки бо мусофиркашонӣ, хизматрасонии маишӣ, пешниҳоди манзил ба иҷора, аз ҷумла барои гузарондани зиёфатҳо машғуланд.

2. **Ба субъектҳои соҳибкории хурд дар шакли аз ҳисоб баровардани маблағ дастгирии иловагии давлатӣ** дода шавад:

андози молу мулк ва андози замин, ки бояд барои моҳҳои апрел ва майи соли 2020 пардохта шуда, барои онҳо батаъхиргузории бефоиза (муҳлатдиҳӣ) мувофиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 19 марти соли 2020 №ФП - 5969 ва аз 3 апрели соли 2020 №ФП - 5978 дода шудаанд;

пения ва ҷаримаҳо барои андози замин ва андози амвол то ҳолати 15 майи соли 2020, ки аз 1 январи соли 2020 пайдо шудааст.

3. Ба эътибор гирифта шавад, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ ҳуқуқи гирифтани батаъхиргузорӣ оид ба пардохти андози арзиши иловагӣ ҳангоми воридоти мол (кор, хизматрасонӣ) ба муҳлати 120 рӯз дода шудааст.

Ба микрофирмаҳо ва корхонаҳои хурд, ки фаъолияти иқтисоди хориҷӣ амалӣ менамоянд, дар давраи камаш як соли то рӯзи муроҷиат кардан ба мақомоти гумрук, ҳуқуқи истифода бурдани **таъхиргузорӣ оид ба пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андози аксизӣ**, ки ҳангоми воридоти молҳо, ба истисноӣ молҳои истеъмолӣ, ба мӯҳлати то 1 июли соли 2020 бо пардохти минбаъдаи маблағи таъхирдодашуда дар қисмҳои баробар дар давоми 120 рӯз дода шавад.

4. Муқаррар карда шавад, ки дар давраи аз 1 май то 1 июли соли 2020 барои микрофирмаҳо ва корхонаҳои хурд, ба истисноӣ истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ, корхонаҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқии дар фонди оинномавиашон (сармояи оинномавӣ) ҳиссаи давлат дар миқдори 50 фоиз ва бештар **ставкаи андози иҷтимоӣ аз 12 то 1 фоиз кам карда мешавад.**

**5. Ситондани қарздорӣ** оид ба андозҳо, пения ва ҷаримаҳои барои вайрон кардани қонунгузории андоз то 1 сентябри соли 2020 ҳисобшудаи **микрофирмаҳо ва корхонаҳои хурди то 15 майи соли 2020 ҷойдошта боздошта шаванд.**

Мақомоти хидмати давлатии андоз супоришоти инкассавиро барои аз ҳисоб баровардан ва гузарондани маблағҳои пулӣ аз ҳисобсуратҳои онҳо дар бонкҳо то ҳолати 15 майи соли 2020 бозхост намоянд.

Ба андозсупорандагон ҳуқуқи бекор кардани супоришҳои пардохтӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои андозе, ки то 15 майи соли 2020 иҷро нашудаанд, дода шавад.

**6. Ба шаҳри Тошканд таҷрибае**, ки тибқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1 майи соли 2020 №ҚП-4701 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба беҳтар намудани шароити манзилии аҳолӣ ва минбаъд васеъ намудани бозори қарздиҳии ипотека» оиди додани қарз барои сохтмон ва таҷдиди манзилҳои шахсӣ аз ҳисоби захираҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронда мешавад, татбиқ карда шавад.

7. Аз 1 июни соли 2020 шумораи оилаҳои гирандаи кӯмакпулӣ, ки кӯдакони то 14-сола доранд, барои нигоҳубини кӯдак то ба синни ду-солагӣ расидан ва ёрии моддӣ иловагӣ ба андозаи 10 фоиз зиёд карда шавад.

8. Чораҳои иловагии дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли додани ҷуброн аз ҷониби Фонди давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ (минбаъд — Фонд) барои пӯшонидани хароҷоти фоизӣ ҷорӣ карда шавад:

оид ба вомҳои сармоягузорӣ, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ бо асъори миллӣ бо ставкаи фоизие, ки аз ҳаҷми 1,75 баробари ставкаи асосии Бонки марказӣ зиёд намебошад, дода мешаванд, дар соли аввали амали шартномаи қарз бо назардошти талаботи Низом дар бораи Фонд;

аз рӯи қарзҳо ба маблағи то 500 миллион сӯм, то 1 октябри соли 2020 ба субъектҳои соҳибкорӣ дар асъори миллӣ барои пур кардани воситаҳои гардон дода мешаванд, ба андозаи бандҳои 10 фоиза дар давраи муҳлати амали шартномаи қарз бо назардошти талаботи Низоми Фонд.

9. Ваколатдори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои соҳибкорӣ барои пуррагӣ ва саривақтии татбиқи имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ки дар давраи пандемияи коронавирус пешбинӣ шудаанд, бо пешниҳоди истифодаи чораҳои ҷавобгарӣ барои вайронкунии қонун мониторинг муқаррар намояд.

10. Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз ҳисоби маблағи Фонди зиддибӯҳронии назди Вазорати молия ба буҷети Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, буҷетҳои маҳаллии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, инчунин ба Фонди ғайрибуҷавии нафақа (дар ҳолати зарурӣ) вобаста ба кам шудани даромад оид ба пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва зиёд шудани шумораи гирандагони кӯмакҳои иҷтимоӣ субсидия ҷудо намояд.

11. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,
18 майи соли 2020.*

Пилла – 2020

## ПИЛЛАСУПОРӢ ДАР АВҶ

***Имсол дар мамлакатамон кирмакпарварӣ дар чор мавсим сурат мегирад. Ислоҳоти соҳа имконият медиҳад, ки кирмакпарварон мувофиқи меҳнаташон ҳавасманд гардонда шаванд. Аз ҷумла, меҳнати якмоҳаи онҳо чун собиқаи кории яксола ба эътибор гирифта мешавад.***

Барои ҳар як қуттӣ кирмак ҳамчун рағбатноккунӣ маҳсулоти хӯрокворӣ: як ҷувол орд, равғани растанӣ ва як миқдор маблағ (аванс) дастрасашон мегардад. Ҳангоми иҷрои супоришот барои ҳар як килограмм ҳосил боз музди иловагӣ дода мешавад. Ин усул ҳам барои оила муфид асту ҳам барои пешравии иқтисодиёти мамлакат.

Имсол кирмакпарварони шофирконӣ ният доранд, ки 3190 қуттӣ кирмак парварида 176 тонна ҳосил бардоранд. Оғози мавсим – моҳи апрел барои аз 2500 қуттӣ кирмак гирифтани 137 тонна ҳосил чараёни корҳо сар шуда буд. Ниҳоят 17 май ба пункти қабули ноҳия ҳосили аввалин даромад. Ба ин муносибат иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилоят К. Камолов ба ноҳия ташриф оварда, бо фаъолияти кирмакпарвар Юнус Тӯраев (аз ҶШМ «Мазлахон Чандир») аз наздик шинос шуд. Баъд ба пункти қабули «Саврак» омад. Вай он ҷо звеноҳои зиёди ҳосилсупоридаистодаро аз назар гузаронд. Имсол корхонаи муштараки «Bukhara Brilliant Silk» бо 189 хоҷагии фермерӣ ва 1517 звенои оилавии ҳудуд шартнома ба имзо расондааст. Байни онҳо 71 оилаи камдаромад низ ҳаст. Мувофиқи он тутзорҳои 12 ҳудуди ноҳия аз қабили Деҳнав, Искогаре, Тезгузар, Чандир, Вардонзе ба кирмакпарварон баробар тақсим шудааст. Иҷрои супоришот боиси 2 миллиарду 740 миллион сӯм даромад кардани корхонаи номбурда мегардад. Рӯзи аввали қабул кирмакпарвари вардонзеҳӣ Нигора Олимова ба ҷои 90 кг 114 килограмм ҳосил супурд. Ҳамон рӯз Ҳафиза Эгамова аз деҳаи Қӯрбанглӣ, Озода Раҳимова аз деҳаи Чандир, Саодат Ҳамроева аз ҶШМ «Қӯрғони Вардонзе» ва дигарон ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардиданд. Ба ҳар яки онҳо аз ҷониби роҳбари вилоят тӯҳфаҳои хотиравӣ ва барои ҳар як килограмм ҳосили аз нақша зиёд 20,4 ҳазор сӯмӣ музд дода шуд.

**А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.**



*ҶММ «Супер Колор Экстра» фаъолияташро дар минтақаи озоди иқтисодии «Қӯқанд» оғоз намуда, оинаҳои автомобилро истеҳсол мекунад. Қисми асосии маҳсулот ба бозори беруна содир карда мешавад. Ба корхона ба миқдори 1 миллион доллари ИМА инвеститсия ҷалб гардида, ускунаҳои замонавии истеҳсолкунӣ насб карда шуданд. Корхона мувофиқи талаб ва таклиф моҳе 4 ҳазор дона оинаҳои гуногунҳаҷми автомобилро тайёр мекунад.*

*– Дар корхона 25 нафар ҷавонон меҳнат мекунад, – мегӯяд роҳбари ҷамъият Элёрҷон Назиров. – Эътибори асосиро ба васеъ гардондани самтҳо ва зиёдтар кардани ҷойи кор равона кардаем. Аз ин боис ин ҷо истеҳсоли рангҳои ҷисмҳои оҳаниву резиниро ба роҳ мондаем.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Супер Колор Экстра».*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).***

Муносибат

## МАТЕМАТИКА – ЯКЕ АЗ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ИЛМ

***Дар Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ вобаста ба омӯзиши илми математика эълон гардидани қарори Президент "Дар бораи чораҳо доир ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи математика» барои ворисони закитабъи олимони шуҳратёри математикаи кишварҳои Шарқу Ғарб Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибн Мусо, Абӯрайҳон Берунӣ, Абӯалӣ ибн Сино, Абӯнаср Муҳаммад ал-Форобӣ, Муҳаммад ал-Фарғонӣ, Маҳмуд Замахшарӣ, Хоҷа Аҳрори Валӣ, Юсуф Ҳамадонӣ, Умар Хайём, Мирзо Улубек хурсандӣ бахшид. Қарор барои боз ҳам беҳтар омӯхтани илми математика ва такон додани фаъолияти ҷустуҷӯи илмӣ имкониятҳо фароҳам овард.***

Шумо медонед, ки мувофиқи нақша ва дастурҳои таълимӣ омӯзиши илми математика аз давраи ба дабистон қадам ниҳодан оғоз ёфта, он минбаъд дар зинаҳои дигари таълим идома меёбад. Омӯзиши математика дар нақшаи таълимии силсилафанҳои аз панҷ равия таркибёфтаи Вазорати маориф дар синфҳои I-XI мактабҳои миёнаи умумӣ соати ҳафтаинаи таълимӣ ба миқдори 5 соатӣ муайян гардидааст. Соати ҳафтаинаи фанни математика дар ҳамаи синфҳо ягона буда, дар як ҳафта дар тамоми синфҳо омӯзиши он 55 соатро ташкил медиҳад.

Дар қарори роҳбари давлат омадааст, ки пайвандии байни дараҷаҳои таълими математика пурра таъмин нагардидааст, ба китобҳои дарсии математика нисбат ба синну соли донишомӯз масъалаҳои мураккаб дохил карда шудааст, инчунин аксар масъалаҳо дар робитаи математика бо фанҳои дигар ҳеҷ гуна нақше надорад, барои ҷавонони соҳибистеъдод ва ғолибони озмунҳои байналхалқӣ, рушди илму фан дар муассисаҳои таълими олӣ шароит фароҳам оварда нашудааст, натиҷаҳои ҳамгироии илмиву амалии математика хеле суст ва ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудааст, фаъолияти ҷустуҷӯи илмию ҳамкории олимони ҳамзамон дар ҷодаи тарғиби нуфузи умумҷаҳонии математикаи миллӣ ба дараҷаи кофӣ мувофиқи матлаб намебошад. Бартараф намудани муаммоҳо ҳар яки моро ба масъулиятнокӣ ва фаъолӣ даъват мекунад.

Дар қарор вазифаҳои устувори манфиатовар ва орзуҳои ояндадор нишонрас гуфта шудааст, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ ба пешрафти илми математика, бунёди масканҳои таълимӣ, ташкил намудани машғулиятҳои беруназзинфӣ, таъсиси синфҳои такягоҳи омӯзишӣ, баргузор намудани озмунҳои зинаҳои якуму чаҳорум ва байналмилалӣ, пурсамар давом додани фаъолияти ҷустуҷӯи илмӣ чун дастуруламал хидмат мекунад.

Аз рӯзи қабули қарор дар кишварамон дар зинаи таълими томактабӣ ба воситаи технологияи педагогӣ машғулиятҳои мушоҳидакории математикӣ, дар зинаҳои таълими миёнаи умумӣ ва таълими махсус синфҳои такягоҳи омӯзишӣ, дар зинаи таълими олӣ миқдори соатҳои омӯзишии фанҳои математика бо барзиёдшавӣ ба роҳ монда мешавад. Дар муассисаҳои ташкилнамуда ба сифати таълиму омӯзиши математика ва натиҷаҳои индикаторӣ эътибор дода мешавад. "Индикатор" вожаи лотинӣ буда, он дар забони тоҷикӣ маънои "нишон медиҳам", "муайян мекунам"-ро ифода менамояд. Бо таъбири дигар бигӯем, "индикатор" асбоб ё элемент, ки ҷараён ва ҳолати объекти мушоҳидашавандаро муайян намуда, хусусияти сифатӣ ё миқдории онро равшан инъикос менамояд. Дар тамоми зинаҳои таълимӣ платформаи индикаторӣ татбиқ карда шудааст. Ходимони ташкилотҳои ваколатдори соҳаи фарҳанг натиҷаҳои фаъолияти индикаторӣ таълиму тарбия ва муваффақиятҳои педагогию илмиро муайян менамоянд. Пас аз сарҳисоби умумӣ натиҷаҳои индикаториро эълон менамоянд. Натиҷаҳои ноилгардидаи индикатории математикҳои ҷавони ноҳияҳои Қарокӯлу Олоти вилояти Бухоро фахри ҳамагон аст. Онҳо ҳар сол ба ғайр аз озмунҳои зинаҳои якуму чаҳорум дар озмунҳои байналхалқӣ иштирок намуда, бо медали тиллову нуқра, дипломy ташаккурномаҳо ба диёр бармегарданд. Дараҷаи дониши математикии онҳо нисбати шарикдарсони ҳамсинну солашон ниҳоят баланд аст. Аз таҷрибаи ҳамдигар ибрат омӯхта дасти ёрӣ бояд дароз кунем. Натиҷаҳои мониторинг аз натиҷаҳои индикаторӣ фарқ дорад. Фарқ дар он аст, ки натиҷаҳои мониторингӣ дар доираи маҳдуд, яъне дар микёси мактаб, ноҳия, вилоят эълон гардида, маҳфуз мемонад. Натиҷаҳои индикаторӣ бошад, дар тамоми канораҳои кишвар барои ҳама эълон мегардад.

Аз 1 январи соли 2021 ҳукумат барои математикҳои ҷавон сертификати миллиро ҷорӣ менамояд. Маркази давлатии тест бо саволҳои муайян дараҷаи дониши хатмкунандагони мактабҳои миёнаи умумӣ ва тахассусиро месанҷад. Пас аз он вобаста ба натиҷаҳои бараъло сертификати миллиро медиҳад. Соҳиби сертификати миллӣ бе имтиҳонсупорӣ ба муассисаҳои таълими олӣ бо холи бадастдароварда ба хондан қабул карда мешавад. Ин имконияти хеле хуб аст.

Дар қарор инчунин ба фаъолияти инноватсионии фундаменталию амалии ҷустуҷӯи илмӣ алоҳида эътибор дода шудааст. Ҳар як кашфиётгар дар оянда бо нишони сарисинагии байналмилалии Муҳаммад Ал-Хоразмӣ, инчунин дар ҳаҷми 50 ҳазор доллари ИМА рағбатнок гардонда мешавад. Истеъдод, маҳорат, иқтидори эҷодкориро ба кор андохта, дар инкишофи фаъолияти иқтисодиёти рақамӣ, илми математика ҳиссагузор гардида аз паси ба даст даровардани мукофоти байналхалқӣ ва сармоя бояд буд.

**Таваккал ЧОРИЕВ,
номзади илмҳои филология,
профессор.**

## ХУДКОРОН АЗ АНДОЗИ ДАРОМАД ОЗОД КАРДА МЕШАВАНД

**Зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 19 май ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба чорабиниҳои иловагӣ оид ба дастгирии соҳибкорон баргузор гардид.**

Роҳбари давлат бори дигар дар бобати корҳои ҷорӣ нисбати муқовимат бар зидди пандемия сухан ба миён овард.

Таъкид шуд, ки аз 2802 нафар, ки мубталои инфексия гаштаанд, 2314 нафар ё худ 82 фоизашон пурра муолиҷа ёфтаанд. Беш аз 78 миллиард сӯм барои 23 ҳазор нафар корманди соҳаи тиб, ки дар мубориза бар зидди коронавирус мардонагии ҳақиқӣ зоҳир намуданд, пардохта шуд.

– Дар баробари мубориза бар зидди беморӣ дар мамлакат, мо инчунин ба шаҳрвандонамон, ки дар хориҷа ҳастанд, ғамхорӣ менамоем. То имрӯз 39 ҳазор нафар ҳамватанонамонро аз хориҷа баргардондем. Барои ёрии ногузир ва баргардондани боз 12 ҳазор нафар, ки дар ҳолати ногувор дар хориҷ аз кишвар мондаанд, чорабиниҳо андешида мешаванд, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт фаъолият барқарор мегардад. Барои мисол, дар ҳафтаи охир аз ҷониби воҳидҳои соҳибкорӣ истифодаи электроэнергия 13 фоиз афзуд. Дар зарфи ду ҳафтаи охир фурӯши симон дар бозор дар муқоиса бо ҳамин давраи моҳи гузашта ба 104 ҳазор тонна, сӯзишворӣ – 74 ҳазор тонна, шишаи сохтмон – 60 ҳазор метри мукааб афзуд.

Минтақаҳоро ба қисматҳои «сабз», «зард» ва «сурх» бинобар вазъияти эпидемиологӣ тақсим намуда, қариб ба 110 ҳазор воҳиди соҳибкорӣ барқарор намудани фаъолият иҷозат дода шуда, беш аз 600 ҳазор нафар ба коргоҳи худ баргаштанд.

Умуман, дар ду моҳи охир 12 фармон ва қарори Президент барои нармсозии таъсири пандемия ба дараҷаи ҳаёти аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт қабул гаштааст. Дар натиҷа беш аз 500 ҳазор воҳиди соҳибкорӣ ва беш аз 8 миллион нафар шаҳрвандон ба ҳаҷми қариб 30 триллион сӯм ба имтиёзот ва сабукӣ соҳиб гардиданд.

18 май Фармони Президент «Дар бораи чорабиниҳои навбатӣ доир ба дастгирии аҳолӣ ва воҳидҳои соҳибкорӣ дар давраи пандемияи коронавирус» қабул гардида буд. Бинобар ин ҳуҷҷат, беш аз 500 ҳазор воҳиди соҳибкорӣ ва қариб 100 ҳазор нафар барилова дар ҳаҷми 1,7 триллион сӯм кӯмак мегиранд.

– Ин то чӣ андоза мураккаб набошад, мо ҳама кори заруриро анҷом додем, то ки шароит ба вуҷуд орем. Акнун роҳбарони маҷмӯаҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, секторҳо то ба ҳар як соҳибкор ва шаҳрванд расидани ин имтиёзотро бояд таъмин намоянд, – гуфт Президент.

Ба Комиссияи ҷумҳурӣ супурда шуд, ки мунтазам ба фаъолияти дигар воҳидҳои соҳибкорӣ бинобар назардошти вазъияти эпидемиологӣ дар минтақаҳо иҷозат диҳад. Ҳамзамон бояд ба қоидаи карантин ҷиддан риоя кард, зеро имрӯз 38 ноҳияи мамлакат дар минтақаи «сурх» боқӣ мондааст.

Бинобар пандемия сафи қашшоқҳо ва бекорон зиёд гардида, даромади оилаҳо кам мегардад. Аз ин рӯ зарур аст, ки тиҷорати хурд ва соҳибкории оилавӣ барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор дар муддати кӯтоҳ фаъолона дастгирӣ карда шавад.

Дар ҷамъомад чорабиниҳои иловагӣ ва самтҳои бартаринок дар ин ҷода муҳокима гардиданд.

Пеш аз ҳама ба таъмини кафолати ҳуқуқи соҳибкорон ва дахлнопазирии мулки онҳо эътибори ҷиддӣ нигаронда шуд.

– Тамоми ҳокимонро огоҳ менамоям. Агар мулки ягон нафар соҳибкор ғайриқонунӣ мусодира гардад, ҳоким фақат бо сабукдӯш шудан халос намегардад, вай дар пеши қонун низ ҷавоб хоҳад дод, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Ба идораҳои мутасаддӣ супоришҳо дода шуд, ки барои поймолсозии ҳуқуқи дахлнопазири мулки хусусӣ масъулият пурзӯр гардонда шуда, иҷрои пурраи қарорҳои суд дар бораи ҷуброни мулки мусодирашудаи соҳибкор таъмин карда шавад.

Бинобар супориши Президент фаъолнокии корӣ дар ҳар як ноҳия ва шаҳр моҳе як дафъа таҳлил карда мешавад. Бизнес-омбудсман маълумотро дар бораи ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо, ки ҳуқуқ ва дахлнопазирии моликияти соҳибкоронро вайрон менамоянд, ба ҳукумат гузориш пешкаш менамояд.

Девони Вазирон масъалаи ба вазифааш муносиб будани ҳокимони шаҳру ноҳияҳоеро, ки масъалаҳои соҳибкоронро ҳаллу фасл намекунанд ва бо онҳо ба тарзи бояду шояд кор намебаранд, баррасӣ менамояд.

Барои ба вуҷуд овардани шароити муносиб ба шаҳрвандони худкор низоми нав татбиқ хоҳад гардид. Ҳамин тариқ, сартарошон, кӯҳнадӯзон, нонвойҳо, оҳангарон, дуредгарон, дӯзандагон, таксибонҳо, мутарҷимон, ороишгарон, барномасозон – намояндагони худкории беш аз 60 касб аз пардохти андози даромад озод карда мешаванд. Барои он ки аз ин имтиёз истифода гардад, аз тариқи телефон хабардор кардани мақомоти андоз кифоя аст. Дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ иловаи мобилӣ барои номнавис ва ба қайд гирифтани шаҳрвандони худкор таҳия хоҳад гардид.

Тавре ки маълум аст, дар натиҷаи иҷозати фаъолияти нотариати хусусӣ 617 нотариуси давлатӣ хусусӣ гардид, ки ин барои сарфа гардидани 200 миллиард сӯм маблағи буҷет замина ба вуҷуд овард.

Агар сектори хидматрасонӣ, ки ҳоло аз ҷониби мақомоти давлатӣ расонда мешавад, мисли омода намудани ҳуҷҷатҳои кадастр ва сабти топографӣ ба дасти сектори хусусӣ дода шавад, имконият ба вуҷуд меояд, ки ҳазорҳо ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шавад, гуфта шуд дар ҷамъомад.

Ба Вазорати тараққиёти иқтисодӣ ва коҳиши қашшоқӣ, Вазорати адлия дар асоси ҳисобу китоби дақиқ ба вуҷуд овардани руйхати хидматрасонии давлатӣ супурда шуд, ки эҳтимоли ба сектори хусусӣ додани онҳо вуҷуд дорад.

Дар давраи карантин ташкилотҳои зиёд қурби пардохтии худро аз даст медиҳанд ва дар остонаи муфлисӣ қарор мегиранд. Бинобар ин тартибе ҷорӣ карда мешавад, ки бинобар он дар сурати санатсияи корхона қарзи он аз андоз ва дигар пардохтҳо метавонад пас аз поёнёбии карантин пардохта шавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ХУДКОРОН АЗ АНДОЗИ ДАРОМАД ОЗОД КАРДА МЕШАВАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Тартиби татбиқи маблағҳои давлатӣ барои соҳибкорон зери танқид қарор гирифта, таъкид шуд, ки ин кор хеле расми бюрократӣ гирифтааст. Аз он ҷумла 50 фоизи қитъаҳои замин ва объектҳои ғайриманқуле, ки барои фурӯш гузошта шудааст, вақти зиёд аз сабаби ӯҳдадории вазнини инвеститсионӣ ва вуҷуд надоштани инфрасохтори инкишофёфта дар атроф фурӯхта намешаванд. Ғайр аз ин, дар чор моҳи охир дар 57 ноҳия ва шаҳр ягон қитъаи замин барои тиҷорат ба аукцион гузошта намешавад. Дар маҳалҳо 552 объекти моликияти давлатӣ холӣ боқӣ мемонад.

Дар заминаи ҷойгирсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ дар ин иншоот, дар пойгоҳи баъзе аз онҳо ба вуҷуд овардани минтақаҳои хурди саноатӣ супоришҳо дода шуд.

Минбаъд минтақаҳои хурди саноатӣ аз рӯи принсипи ҳуқуқи мулкдорӣ ташкил гардида, сектори хусусӣ дар идора намудани он фаъолона иштирок менамояд. Агентии оид ба рушди тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ якҷоя бо ҳокимиятҳои маҳаллӣ бо ҷойгирсозии чунин минтақаҳо, ҷудо намудани маблағ барои инфрасохтор ва ҷалб намудани сектори хусусӣ ба идоранамоӣ машғул хоҳад шуд. Дар соли ҷорӣ аз Фонди зиддибӯҳронӣ 200 миллиард сӯм барои пайвастани ин минтақаҳои саноатӣ ба инфрасохтор ҷудо карда мешавад.

Дар доираи нармсозии оқибатҳои пандемия муддати пардохти 1 триллион сӯм кредит, ки барои барномаи «Ҳар як оила – соҳибкор» муқаррар гардида буд, дароз карда шуда буд. Аз ин рӯ барои татбиқи пурраи барнома аз Фонди таҷдид ва тараққиёт 100 миллион доллар ҷудо карда шуда буд.

Президент таъкид кард, ки тамоми маҳдудиятҳое, ки барои соҳибкорон ҳангоми дарёфти кредит барои маҳсулот, таҷҳизот, ашёи хом ва маблағи гардишӣ муқаррар карда шудааст, бояд бекор карда шавад. Ба Бонки марказӣ содда намудани шарти дарёфти кредит аз ҷониби тиҷорати хурд ва соҳибкории оилавӣ супурда шуд.

Таъкид гардид, ки барои ба вуҷуд омадани талаб ба маҳсулот соҳаи савдо рағбатнок гардонда шуда, кредити истеъмолӣ бо мақсади афзоиши имконоти хариди аҳолӣ васеъ гардонда шавад.

Дар ҷамъомад инчунин вазифаҳое, ки дар назди бонкҳои тиҷоратӣ қарор доранд, зикр гардиданд.

Дар бораи мушкилоти ин соҳа он нукта низ гувоҳӣ медиҳад, ки 55 фоизи муроҷиате, ки ба қабулгоҳҳои халқӣ ва Сарвазир мерасанд, ба кредити бонк алоқаманданд. Ғайр аз ин муроҷиати соҳибкорон дар иртибот бо хидматрасонии бонк дар 10 фоизи чунин ҳолатҳо дар Бонки миллӣ, 11 фоиз дар «Микрокредитбонк» ва 13 фоиз дар «Агробонк» ба таври мусбат ҳал гаштааст.

Роҳбари давлат махсус таъкид кард, ки фаъолияти бонкҳо бо назардошти сифати хидматрасонии онҳо ба миҷозҳо бояд баҳо дода шавад.

Таъкид шуд, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳалқаи муҳими рушди тиҷорати хурд ба шумор меравад, онҳо бояд домани дастгирии соҳибкорон ва шаҳрвандонро дар ҳоли сармоягузорӣ ба «нуқтаи рушд» дар ҳар як ноҳия васеъ намоянд.

Дар бораи аз вазифа озод намудани ҳокимони баъзе ноҳияҳо ва шаҳрҳо барои роҳ гузоштан ба камбудӣ дар кор бо соҳибкорон супориш дода шуд.

Шахсони масъул дар бораи чӣ гуна ташкил намудани кор барои иҷрои вазифаҳои дар ҷамъомад гузошташуда маълумот доданд.

**ӮзА.**

Мулоқот бо халқ

# КӮМАКИ МОДДӢ БА МАРДУМИ ДЕҲОТ

***Дар доираи чорабиниҳои ҳукуматӣ бобати мубориза алайҳи коронавирус корҳои бузург амалӣ мешаванд. Аз ҷумла, фаъолияти Маркази мувофиқгардонии ҳомигӣ ва хайрия, ки дар назди Вазорати дастгирии оила ва маҳалла созмон ёфтааст, дар ҷойҳо шароити зисти мардумро таҳлил ва хуб омӯхта ба мардуми камбизоат ё худ ногирову дармондагон ва бепарастор аз наздик кӯмак расонида истодааст, ки ин ба зудтар бартараф намудани офат ва оқибатҳои он хизмат менамояд.***

Ба наздикӣ бо ташаббуси ҳокими вилояти Сурхондарё Тӯра Боболов як гурӯҳ мутасаддиёну роҳбарони саридораҳои корҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ, прокуратура ва масъулини Ҳифозати ҳудудҳои сарҳадӣ ба минтақаҳои дурдасти ноҳияи Сариосиё рафта бо тарзи зиндагии мардум аз наздик шинос шуданд. Ба онҳо ҳокими ноҳия Ӯктам Тӯраев бо мутахассисони марбута роҳбаладӣ намуд. Гурӯҳи корӣ бо чархбол ба минтақаи дурдасттарини ноҳия – деҳаи Карш, ки аз маркази ноҳия 80 км дур аст, парвоз намуда бо худ ба миқдори зиёд хӯрокворӣ, сару либос бурда ба оилаҳои деҳа тақсим карда доданд.

Қобили зикр аст, ки ба деҳаи мазкур соле қариб 6 моҳ равуои автомобил имконнопазир буда, вобаста ба ин мушкилоти мардум ҳам басанда аст. Дар айни ҳол вобаста ба вазъияти эпидемиологӣ шароити бошандагони ин деҳи кӯҳӣ боз ҳам ташвишовар, ки буд, ҳолу аҳвол пурсидани масъулон ба онҳо рӯҳу қувват бахшид.

Мутасаддиён сараввал аз обидаи таърихии "Эшони Хаттоб", ки зиёда аз 500-сола таърих дорад, дидан намуда, пасон дар саҳни мактаби навбунёди деҳа (рақами 79) бо аҳолии деҳа, омӯзгорону фаъолон ва мӯйсафедони нуронӣ мулоқот намуданд.

Дар вохӯрӣ ҳокими вилоят Тӯра Боболов баромад намуда, оид ба вазъи кунунӣ ва эпидемиологии кишвар, хавфи пандемияи коронавирус ва тадбиру чорабиниҳои ҳукумат сухан гуфт. Ӯ изҳор дошт, ки ҳукумати мо дар ин лаҳзаҳои тақдирсоз ягон сокини ҷумҳуриро бепарастор намегузорад. Мардум ҳам бояд вазъиятро дуруст дарк намуда ба қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, маҳдудсозӣ (карантин) қатъиян амал кунанд. Зеро ин барои рафъ кардани пандемия ва оқибатҳои он омили муҳим мебошад. Дар вохӯрӣ оид ба оромиву осудагӣ, бехатарӣ, ҳифзи иҷтимоии мардум низ мутасаддиёни дигар ибрози назар намуданд. Оид ба муаммоҳои мавҷуда сокинони деҳа дархостҳои хешро ба мутасаддиён изҳор доштанд.

Дар хусуси таъмири роҳи мактаб, бинои мактаб ва чор синфхонаи кӯҳнаи он, ки ба як ҳолати харобӣ афтодааст, аз номи ҷамоа ва падару модарон директор Бобораҷаб Ҳомидов ҳарф зад. Дар хусуси то ҳол дар мактаб мавҷуд набудани компутер ва интернет, ки айни замон мушкилоти зиёде барои таҳсили масофавии хонандагон тариқи онлайн эҷод кардааст, мутахассиси корбари иттифоқи ҷавонони мактаб Заррина Раҳматова масъала ба миён гузошт. Ҳокими вилоят ба мутасаддиён супориш дод, то ки ҳар чи зудтар мактаб аз таъмири ҷорӣ бароварда шавад ва 4 синфхонаи мактаби кӯҳна пурра ва комилан таъмир гардида бо ҷиҳозҳо таъмин шаванд.

Оид ба муаммои ҳамасолаи бошандагони деҳа, яъне таъмири 15 км роҳе, ки деҳаи онҳоро бо ҳамсоядеҳи Маланд пайваст месозад, раиси маҳалла Амрулло Нуруллоҳзода ҳарф зада, гуфт, ки ҳар сол ин роҳ чандин маротиба аз барфу борон ва селҳои пайдарҳам валангор мешавад ва мардум бо роҳи ҳашар онро то имкон таъмир сохта роҳро мекушоянд. Боз 6 моҳи расо роҳҳо батамом баста мегардад ва ба мардум ташвишу мушкилоти зиёде пеш меорад ва онҳо бо роҳи дурударози пиёдагарди поёнӣ (тавассути обанбори Тӯпаланг) ба маркази ноҳия мефароянд.

Ҳалли ин масъала низ мутасаддиёнро бетараф нагузошт ва баъди басанда шудани боришот таъмири роҳ ва кашидани хати нави роҳ ба нақша гирифта шуд.

– Муаммои дигари деҳ то ҳол мавҷуд набудани пункти тиббӣ мебошад, – гуфт шифокори деҳа Аҳмад Бердиев. – Дар зимистон вақти баста шудани роҳ мабодо касе ҷиддитар ба беморӣ гирифтор шавад, мардум маҷбур ҳастанд, ки зиёда аз 6 соат пиёда беморро бардошта то обанбор фароранд ва агар заврақ набошад, боз як соати дигар то деҳаи Ҳисорак раванд, то ки аз он ҷо ба таксиҳои кирокаш ба маркази ноҳия расанд.

Мутасаддиён ба нақша гирифтанд, ки ҳалли ин муаммо низ баъди таъмири роҳ ҳатман анҷом мепазирад.

– Мо 3 моҳ инҷониб бо сабаби карантин нафақаи худро нагирифтаем, – гуфт нафақахӯр Исматулло Шамсиддинов. – Хеле хуб мешуд ягон нафар кассирро ба деҳаи мо масъул мекарданд то сари вақт нафақапулиро расонад.

Оид ба ин масъала ба мутасаддиён супориш дода шуд ва талаби нафақахӯрон ҳалли худро ёфт.

– Муаммои дигари ҳарсолаи мо бебаҳра будан аз чарогоҳҳо аст, – изҳор дошт Нуруллоҳ Раҳматов. – Ҳарчанд мо дар бағали кӯҳ дар домани чарогоҳҳо зиндагӣ мекунем, аз истифода бурдани онҳо маҳрумем, яъне "об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем". Соҳиби мутлақи чарогоҳҳо гӯё ки касони дигаранд. Фермерони аз поён омада касеро ба чарогоҳҳо наздик шудан намемонанд. Охир манбаи асосии даромади мардум дар кӯҳистон чорвою замину боғу роғ аст. Роҳбарон инро бояд одилона ҳал намоянд.

– Муаммоҳо албатта ҳалли худро меёбанд, – иброз дошт ҳоким Тӯра Боболов. – Масъалаи чарогоҳҳоро мутахассисон меомӯзанд ва ба мардум имконият фароҳам меоранд. Дида истодаем, ки дар кӯҳистон заминҳои бекорхобида хеле бисёр. Бонкҳо тайёранд, ки ба хонадонҳо то як гектар ва ҳатто аз он ҳам зиёдтар замин ҷудо карда, кредити имтиёзнок диҳанд, то ки меҳнаткашон он заминҳоро ба боғу роғҳо табдил диҳанд. Ба чорводорӣ ва асалпарварӣ боз ҳам бештар машғул шаванд.

Мулоқоти рӯ ба рӯ бо аҳли деҳ ҳарду ҷонибро қаноатманд гардонид. Баъди вохӯрӣ дар Карш мутасаддиён мебоист ба деҳаи Чош мерафтанд. Чархбол бошад, ба поён барои маводи эҳтиёҷи мардум рафта буд, вале дар натиҷаи обу ҳавои номусоид ва раъду барқи тезутунд дигарбора ба кӯҳистон иҷозати парвоз нашуда мутасаддиён бо азобе роҳро пиёда тай намуда, то болооби обанбори Тӯпаланг фаромада, пасон бо заврақ то сарбанд ва баъд маркази ноҳия рафтаанд. Маълумамон гашт, ки баъди баргаштани мутасаддиён рӯзи дигар боз як чархбол пурра маводи хӯрокворию либосворӣ оварда, ба оилаҳои камтаъмин дубора тақсим карда додаанд. Ба деҳаи дурдасти Чош низ бо як чархболи дигар маводи зарурӣ оварда, ба мардум тақсим карда шуд.

Аз ин вохӯрии хотирмон дар чеҳраҳои мардум ҳисси шукронагӣ ва боварӣ ба ғамхориҳои ҳукумату Президент баръало ҳис карда мешуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# ТАФТИШИ САБАБҲОИ КАНДАШАВИИ ОБАНБОРИ САРДОБА ИДОМА ДОРАД

***Тафтиши ҳодисаи кандашавии обанбори Сардобаро Садорати тафтишоти Хадамоти амнияти давлатӣ бар дӯш дорад. Ҳодисаи кандашавии ин обанбор субҳи 1 майи соли 2020 ба вуқӯъ пайвастааст.***

Бар асари обхезӣ якчанд маҳалли аҳолинишини вилояти Сирдарё, ҳамчунин ноҳияҳои ҷанубии вилояти Туркистони Қазоқистон хисороти молӣ дидаанд. Дар айни ҳол зарари ҷонӣ дар вилояти Сирдарё аз ду нафар зан ва чаҳор мард иборат мебошад. Як нафар шахс то ҳол бедарак.

Садорати тафтишот аз рӯи вуқӯъи ин ҳодиса бар асоси қисми аввали моддаи 207 (саҳлангории мутасаддиён), қисми 2-юми сархати "6"-уми моддаи 258 (вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми гузаронидани корҳои марбут ба истихроҷи маъдани кӯҳӣ, сохтмон ва корҳои таркиш)-и Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Ӯзбекистон парвандаи ҷиноӣ боз кардааст.

Сухангӯи Прокуратураи генералии ҷумҳурӣ Ҳаёт Шамсиддинов зимни иҷлосияи навбатии Пресс-клуби байналмилалӣ, ки мустақиман аз вилояти Сирдарё пахш гардид, изҳор кард, ки муфаттишони ҳодисаи мазкур дар ин маврид мавҷудияти чаҳор омилро барои кандашавии обанбори Сардоба сабаб нишон медиҳанд.

Ёдовар мешавем, ки ҳаҷми умумии он 974 миллион мукааб метр мебошад. Арзи он 42 километр ва дарозиаш 28 километрро ташкил мекунад. Майдони умумиаш 6,8 ҳазор гектар. Баландии максималӣ 33 ва сатҳи максималии об 30 метр.

Фармойишгари ин лоиҳа Корхонаи давлатии унитарии «Сирдарё қурилиш инвест» ва пудратчии он Корхонаи унитарии «Ӯзтемирйӯлқурилишмонтаж». «Ӯзтемирйӯлқурилишмонтаж» марбути Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йӯллари» мебошад.

Дар маҷмӯъ барои иҷрои корҳои сохтмони обанбори Сардоба 28 пудратчии ёрирасон низ ҷалб карда шудааст. Лоиҳакаши ин обанбор ВММ «UzGip» аст. Обанбори Сардоба дар ивази 1,2 триллион сӯм бунёд ёфтааст.

Бино ба гуфтаҳои сухангӯи Прокуратураи генералӣ барои гузаронидани тафтишоти доманфарох, комил ва холисонаи парвандаи ҷиноӣ гурӯҳи зудамали тафтишотӣ таъсис дода шудааст, ки ба он кормандони босалоҳияти Хадамоти амнияти давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ шомил мебошанд.

Парвандаи ҷиноӣ аз рӯи самтҳои: нуқсони лоиҳакашӣ; риоя накардани меъёрҳои сохтмонӣ ва қоидаҳои он; нуқсонҳои ҷараёни баҳрабардорӣ; эҳтимоли ҳодисаи табиӣ пеш бурда мешавад.

Дар ҷараёни тафтишоти муқаддамотӣ аъзои гурӯҳи тафтишотӣ ба ҳайси шоҳидон 170 нафарро бозпурсӣ карданд ва онҳо аз рӯи лоиҳакунӣ, сохтмон ва баҳрабардории обанбори Сардоба шаҳодат доданд. Гузашта аз ин, аз рӯи ин ҳодиса даҳҳо экспертиза ва таҳқиқоти лабораторӣ-таҳлилӣ гузаронида шуданд.

Аз ҷумла, барои коршиносон зарур аст муайян кунанд, ки оё обанбор мувофиқи лоиҳа сохта шудааст ё на, оё қоидаҳои баҳрабардорӣ риоя шудаанд? Ҳамчунин оё харҷҳои дар ҳисобот нишондодашуда бо маблағҳои барои иҷрои корҳо воқеъан харҷшуда рост меоянд ё на? Барои омӯзиши ҳолати кунунии обанбор ва муайян намудани хусусиятҳои физикии об ва зери он андозакуниҳои инспексионӣ ва назоратӣ тайин шудаанд?

Дар баробари анҷоми ин корҳо, барои муайян кардани корҳое, ки воқеан иҷро шудаанд, ҳамзамон дақиқ шудани ҳаҷми маводи истифодашуда дар ҷараёни бунёди обанбори Сардоба гузаронидани экспертизаи сохтмонӣ-фаннии пешаздодгоҳӣ тайин шудааст. Ба манзури тафтиши пурра ва объективӣ аз идораҳои гуногун 26 нафар коршиносони варзида низ ҷалб шудаанд.

Бо ширкати мутахассисони соҳаи сохтмон ва баҳрабардории шабакаҳои обёрӣ ҳолати дохилӣ ва баъзе қисматҳои берунии обанбор тахти омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин омилҳое низ баррасӣ мегарданд, ки бобати истифодаи ин обанбор эҳтимоли таъсир расониданро доранд.

Дар ҳамин ҳол тақозо мегардад, ки муфаттишон якҷоя бо комиссияи ҳукуматӣ зарари умумии кандашавии обанбори Сардобаро низ муайян кунанд.

Ногуфта намонад, ки ба манзури фароҳам овардани шароити созгори зист барои мардуми аз ин ҳодисаи техногенӣ осебдида бо дастури Президент корҳои зиёди барқароркунӣ анҷом дода мешаванд. Аллакай мардуми зиёд аз ҷойҳои панохбурдаашон ба хонаву ҳавлиҳои худ бармегарданд ва дар ин ҷо зиндагии ором дубора барқарор хоҳад шуд.

**Мирасрор АХРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**



*Президенти кишвар Ш.Мирзиёев дар ҳолати риояи қатъӣ ба талабҳои карантин байни шаҳри Тошканд ва Ҷумҳурии Қароқалпоқистону вилоятҳо барқарор намудани равуои нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоиро супориш дода буд.*

*Комиссияи махсуси ҷумҳурӣ тартиби ба роҳ мондани самти маҳаллии ҳаракати роҳи оҳан ва хатти парвозро тасдиқ намуд.*

*Мувофиқи он аз 18 майи соли равон парвози самолётҳо аз Тошканд ба шаҳрҳои Нукус, Урганҷ, Тирмиз ва ҳаракати поездҳо ба шаҳрҳои Самарқанд, Навоӣ, Бухоро, Қаршӣ, инчунин ба водии Фарғона барқарор гардид.*

***Сурати Муҳаммад АМИН (ӮзА).***

Мушоҳида

# АГАР ИНСОФ КУНЕМ...

**Имрӯзҳо ҳамаи мову шумо дар остонаи санҷишу имтиҳонҳои зиёде қарор дорем. Ин худдорӣ аз бемории коронавирус мебошад, ки дар тамоми қитъаҳои дунё доман густурдааст. Баҳри рафъи ин беморӣ алҳол ҳукумат як қатор чорабиниҳои муфидро андешидааст, ки ба некуаҳволии мардуми мо нигаронида шудаанд.**

Тавре, ки огаҳӣ дорем, айни замон баҳри қимат нагардидани нархи наво дар бозорҳо аз ҷониби масъулони соҳа назорати ҷиддӣ ба роҳ монда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки мардуми мо ҳеҷ гоҳ аз набудани маҳсулоти мавриди истеъмол тангӣ нахоҳад кашид. Вале баъзан шоҳиди он мегардем, ки фурӯшандагоне баҳри қимат намудани маҳсулоти хӯрокворӣ аз қабили картошкаву пиёз ва ғайра ҳаракат доранд.

Бинобар маълумотҳо қариб ҳар рӯз ходимони назорати давлатии андоз дар бозорҳо бо фурӯшандагон мулоқот намуда, қоидаҳои навро мефаҳмонанд, ҳамчунин беасос боло набардоштани нархи маҳсулотро назорат мекунанд. Рӯзе, ки аз рӯйи зарурат мо ҳам дар бозори Деҳнав будем, шоҳиди он гардидем, ки ходимони соҳаи андоз бо як муомилаи хуб фурӯшандагонро огоҳӣ мекарданд, ки нархи маҳсулотро баланд набардоранд. Вақте ходимони соҳа он ҷо буданд, нархи картошкаро пурсон шудем. Фурӯшанда гуфт, ки 3500 сӯм аст. Аммо муддати зиёде нагузашта, вақте назоратгарон чанд қадам дур шуданд, хостем картошка харид кунем, ба қавле, моҳиамонро об бурд. Фурӯшанда бо овози баланд нархи картошкаро 4500 сӯм гуфт. Сабаби дигаргун шудани нархро пурсидем:

– Бародар, шумо ҳам моро фаҳмед. Рӯзи дароз дар бозор мешинем. Ҳазор сӯм куҷоро обод мекунад? – гуфт дар ҷавоб фурӯшанда.

Ростӣ, ин ҷавоби фурӯшанда андаке моро дилсард кард. Ҳарчанд ба ӯ вазъияти имрӯзаро фаҳмондем, фоидае надошт.

Мақоле ҳаст, ки мегӯянд: «Туро газад, маро чӣ ғам?»

Агар ҳамаи мо чун ангуштҳои як мушт муттаҳид гардида, баҳри рафъи ин бало ба қоидаҳои санитариву гигиенӣ амал намоем ва ба сари инсоф омада, худро чун шаҳрванди баору номус дар чунин лаҳзаҳои душвор фақат манфиати худро не, балки манфиати кулли мардумро андеша кунем, албатта, бо сарбаландӣ аз ин варта берун хоҳем омад.

Бо бовари калон гуфта метавонем, ки мардуми кишварамон ин душвориҳоро дар рӯзҳои наздик паси сар хоҳанд намуд. Барои ин босабр будану ба воҳима наафтодан тавсия дода мешавад.

**Солеҳи**
**МУҲАММАДҶОН,**
*ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.*

## Хабарҳо

### Ҷавонон дар маркази эътибор

***Қариб 60 фоизи аҳолии мамлакатамонро ҷавонон ташкил менамоянд. Бо шуғл фарогирӣ, дуруст сафарбар кардани онҳо ба меҳнати фоиданок аз масъалаҳои рӯзмарра мебошанд. Алҳол дар корхонаҳои Вазорати нақлиёт бештар аз 132 ҳазор нафар фаъолият мебаранд, ки қариб 43 ҳазор нафарашон ҷавононанд.***

Тӯли моҳҳои январ-майи соли равон зиёда аз 600 нафар ба кор қабул гаштанд, ки ин натиҷаи саъю ҳаракат дар доираи татбиқсозии лоиҳаҳои истиқболнок мебошад. Сохтори роҳи оҳан бо мақсади кашф кардан ва тарбияи истеъдоди кадрҳои ҷавон озмун-азназаргузарониҳо доир менамояд. Дар яке аз ин гуна чорабиниҳо Муслим Отабеков ҷои аввалро гирифт ва лоиҳаи ӯ, ки бо таклифи барпои марказ бинобар мониторинг ва диагностика сохтани ҳаракатҳои роҳи оҳан баромада буд, татбиқ гардид. Бо кушодашавии марказ 85 ҷои нави корӣ ташкил ва танзими ҳаракатҳо дар роҳи оҳан рӯ ба беҳбудӣ ниҳод.

Дар корхонаи унитарии «Ӯзтемирйӯлмаштаъмир» 741 нафар ҷавонон адои вазифа ва бо таклифу ташаббусҳои тоза дар таъмини амнияти поезду қаторахо ва сабзиши муттасили иқтисодӣ саҳм мегузоранд.

Барои мустаҳкамсозии мавқеи ҷавонон ва соҳиби кор шудани онҳо дар соҳа механизми сохторӣ роҳандозӣ шуда, ҷои кори доимии онҳое, ки донишҷӯянд пешакӣ муайян карда мешавад. Донишҷӯёни Донишкадаи муҳандисони роҳи оҳани Тошканд як рӯзи ҳафтаро дар корхона ва заводҳо бо омӯхтани таҷриба мегузаронанд. Ҳанӯз соҳиби диплом нашуда, онҳо бо ҷои кори оянда робита барқарор месозанд.

Дар роҳҳои автомобилгард ва ҳавоӣ, айни замон, ҷавонон ба қувваи пешбар табдил меёбанд. Вақтҳои охир 200 нафар дар роҳҳои ҳавоӣ, 730 нафар дар роҳҳои автомобилгард ба фаъолият оғоз намуданд. Ташкил шудани Донишгоҳи нақлиёт баҳри омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқат дар соҳа заминаҳои тоза фароҳам сохт.

### Истеҳсолот барқарор мегардад

***Чи дар шаҳрҳои саноатӣ ва чи дар деҳоти дурдаст карантин ба пешравии иқтисодиёт монеъ шуда наметавонад. Бо рӯз то рӯз нарм шудани талаботи он суръати пештара барқарор мегардад.***

Дар вилояти Фарғона, ки ба ҳудуди холӣ аз коронавирус табдил ёфтааст, истеҳсолот рӯ ба ривоҷ аст. Корхона ва заводҳое, ки дар ноҳияи Ӯзбекистон душвориҳои карантинро аз сар мегузаронанд, мушкилиҳоро то андозае рафъ карданд. Минтақаи саноати хурди Шӯрсув наздикӯҳист ва дар ин ҷо асосан маводи сохтмон истеҳсол мегардад.

Албатта, барои фаъолияти озодонаи ҳар корхона ашёи хом, технологияҳои пешқадам ва соҳибият ба бозори фурӯш – омили муҳим.

Имрӯзҳо заводи сементи Шӯрсув дар як шабонарӯз 300 тонна маҳсулот мебарорад. Маҳсулот, ки хушсифат аст, харидори худ меёбад. Корхонаҳои истеҳсоли нафт ва хишт низ фаъолияти худро ҷоннок сохтаанд.

Аз имтиёз ва озодиҳое, ки барояшон фароҳам аст, истифода намуда, иштирокдорони сектори реалии иқтисодиёт баҳри барқарорсозии суръати пештара қадамҳои қатъӣ мегузоранд.

Аз 453 корхонаи саноатӣ рӯзҳои карантин 85-тояшон муваққатан аз фаъолият бозмонда бошанд, дар 82-тои онҳо вазъ боз муътадил гашт. Танҳо се корхона дар тараддуди барқарорсозии фаъолият асту халос.

Соли равон дар ноҳияи Ӯзбекистон татбиқ намудани 30 лоиҳаи инноватсионӣ ва азхуд кардани 2 триллиону 157 миллион сӯм, айни замон ҷалбгардии сармояи хориҷӣ ба андозаи 14 миллион доллари ИМА ба нақша даромадааст.

Дар рӯзҳои душвор кӯмаки давлатӣ самара бахшида, истеҳсолгарон бо риояи қатъӣ ба талаботи карантин баҳри истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ҷидду ҷаҳд менамоянд.

### Планшет дар хидмати нозири роҳ

***Бинобар рухсат ба ҳаракати автомобилҳои шахсӣ аз 18 май кӯчаҳои пойтахт серравуо шуданд ва ин водор намуд баҳри таъмини амнияти роҳ, муҳофизати шаҳрвандон ва молу мулки онҳо чораҳои қатъитар андешида шаванд. Инро масъулони саридораи амнияти ҳаракати роҳи пойтахт алоҳида ба эътибор гирифтаанд. Рейдҳои муттасиле, ки гузаронида мешаванд, ба пешгирии қонуншиканиҳо дар низоми роҳ нигаронида шуда, самара мебахшанд.***

Назар ба маълумоти саридораи амнияти роҳи корҳои дохилии шаҳри Тошканд вақтҳои охир 210 ҳазору 695 қонуншиканӣ дар роҳ ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 739-тояш ҳолатҳои фавқулодда вазнин мебошанд. Дар рӯзҳое, ки инсоният ташвиши коронавирусро аз сар мегузаронад, 950 нафар ронандагон дар ҳолати сархушӣ паси фармон нишастаанд. Ҷуз ин аз меъёр зиёд бардоштани суръат, набастани камари ҳимоя, бе ҳуҷҷати ронандагӣ автомобилҳои шахсиро идоракунии шаҳрвандон чун ҳолатҳои ногувор қайд ва ба айбдорон чораҳо андешида шуданд.

Ҷорӣ шудани технологияи нави инноватсионӣ дар пешгирии ҳодисаҳои роҳ ба нозирон кӯмак мерасонад. Чунончӣ, дар рейдҳои махсус планшетҳо мавриди истифода буда, акнун бо ронандае, ки қоидаро вайрон кардааст, ҳамсуҳбат шудани нозир шарт нест. Вай рақами давлатии автомобилро аккосӣ мекунад ва ба базаи махсус даромада, тавассути планшет, ки ба тарзи онлайн кор мекунад, ба манзили истиқоматии ронанда миқдори пардохти ҷаримаи ситондашавандаро маълум менамояд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ИФТИХОР АЗ ХИДМАТИ ВАТАН

## Ё ХУД РОЗУ НИЁЗИ МОМОИ САНГИМОҲ

Ҷомеае, ки ба зан, модар – олитарин тимсоли зебоии ҳаёт ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худ ғамхорӣ мекунад. Ҳар ҷамъияте, ки нисбат ба модар – накӯтарин сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсонӣ беparво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад.

Боиси фахру ситоиш аст, ки дар замони мо ҳатто бонувони деҳоти дурдасту дурафтода аз эътибор дур нестанд ва пайваста қадру ситоиш меёбанд. Мо ахиран дар деҳаи хушманзари Эҷ, ки яке аз рустоҳои аз шаҳрҳо дури қаторкӯҳи Нурато аст, шоҳиди чунин бузургдошти модарон шудем.

Бонуи солманди суҳбаторо Сангимоҳмомои 95-сола, ки солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон аз ҷумлаи бонувони заҳматкашидаи ақибгоҳ буд, дар арафаи 9-уми Май аз тарафи ҳукумати ҷумҳурӣ бо китобҳои хотиравӣ ва медалу тӯҳфаҳои қиматбаҳо тақдир гардид. Аз дарёфти чунин инъоми шоҳона на фақат оилаи момои Сангимоҳ, ҳамчунин тамоми аҳли деҳа хушнуду шодмон гаштем.

Бо шунидани ин пайғоми нек, шоду мамнун ба назди момо равон шудам. Маро бо чеҳраи кушод пешвоз гирифт. Бо аҳли оилаашон дар гирди дастурхон нишаста гарму ҷӯшон домани суҳбат густурдем.

Момои Сангимоҳ 5-уми майи соли 1925 дар гузари Гаргинони деҳаи Эҷ ба дунё омадааст. Падарашон Мулло Абдуғафур ва модарашон апаи Тағойгул зиндагии хоксорона ба сар бурдаанд. Момо нақлҳои худро аз ҳаёти онҳо оғоз намуда, бо сӯзу гудоз аз рӯзҳои ҷанги хонумонсӯзи фашистӣ ёдовар шуд:

– Соли дуюми ҷанг мерафт, аксари мардони деҳа ба фронт рафта буданд. Дар миёни онҳо ҳамчунин ба бародари ман, ки ҳанӯз дар синфи ҳафтум мехонд, даъватнома омад. Падарам аз комиссариати ҳарбӣ хоҳишу илтиҷо намуд, ки ба ҷойи писараш ӯро баранд. Вале онҳо рад карданд. Аз пушташон зорию таваллокунон то шаҳраки Боғдон рафтанд. "Писарам хурд аст, аз уҳдаи милтиқпарронӣ намебарояд, илтимос ӯро раҳо кунеду маро ба ҷанг фиристонед" – хоҳиш кардаанд падарам, аммо онҳо аз сари дилашон тела дода гуфтаанд: "Рав, ту пир ҳастӣ, ба ҳеҷ чиз кор намеойӣ!". Бародарамро бурданду дар ин ҷо падари бечораам девонаавзо шуда монд. Ба дару девор дармеафтид, фарёду нола мекард, оҳи сард аз дили пурдард мекашид. Бадбахтона, як сол гузашту аз бародарам хати сиёҳ омад. Аз ин хабари машъум падарам девонатар шуд ва муддати зиёде нагузашта вафот кард... Мусибати сахт аҳли оиламонро карахт намуд, ҳама ташвишҳои зиндагӣ ба сари мо – занҳо афтида буд. Ман он замон духтари қадрас будам. Бо ташаббуси мудири мактабамон Абдунабӣ Назаров ҳама духтарон ҷамъ шуда ба Сариобу Чишмисурх мерафтем ва харрачинӣ мекардем. Халта-халта харра (меваи буттаи настаран) мечидем. Вақте ки кунҷковона пурсидем, ки ин ҳама харра барои чӣ аст, муаллимамон гуфта буданд, ки харраҳоро ба фронт, ба аскарон мефиристонем. Аз ин завқ бурда боз ҳам бештар мечидем ва фахр мекардем, ки мо ҳам дар хидмати Ватан саҳми худро мегузорем. Ба ғайр аз харра чормағз, бодому писта, тутмавиз, ғӯлинг – ҳар чӣ аз боғҳоямон гирд меомад, ҷамъ оварда ба колхоз месупоридем. Аз саҳар то шаб меҳнати сахт мекардем, вале ҳеҷ гоҳ "монда шудам" намегуфтем. Ҳаёти бемеҳнат – ҳалокат, аз кор нагурезед, натарсед. Аз пайи меҳнат, ана ба мисли ман, як рӯз роҳаташро мебинед.



Дар давоми суҳбат пурсидам:

– Аз зиндагии имрӯзаатон розӣ ҳастед?

Момои Сангимоҳ бо табассум гуфтанд:

– Албатта, духтарам. Ба ту эътибор диҳанд, заҳмату корҳоятро эъзоз намоянд, ба шуҳратат афзоянд, магар ин ҳама хушбахтӣ нест? Сарваронамон маро қадр карданд, Худованд онҳоро дар паноҳаш нигаҳ дорад. Ба кору заҳматҳояшон барор мехоҳам. Он рӯзҳои душвору марговарро, ки оилаҳо бепарастор, дилбарон бе ёр, хонаҳо валангор, мардум хорузор шуд, ба ёд оварда, аз ҳаёти тинҷу осудаю фаровони имрӯз ҳазорҳо бор шукр мегӯям. Ин дилам бақувват будааст, ки ҳам ғаму ғусса, ҳам рӯзҳои некро дидам.

– Момоҷон, ба ҷасорату пуртоқатии шумо тасанно! Охир, ҳамон матонату истодагариҳои шумо буд, ки имрӯз ҳаётамон дурахшону пурфайз аст. Парвардигор бароятон неруву қувват диҳад, қалбатон моломоли меҳру муҳаббат бошад, умри дарози бобаракат бинед.

Момои Сангимоҳ бо ҳозирҷавобӣ ин мисраъҳоро гуфт:

*Омадӣ, хуш омадӣ бар тори сар,*
*Ассаломам бош, меҳмони асал.*
*Корҳои кардаат аъло шавад,*
*Ҳар куҷо монӣ қадам,*
*тилло шавад.*

Дар идомаи суҳбат момои Сангимоҳ аз раиси маҳалла Узоқбой Муродов низ сипосгузорӣ намуд. Аз он хурсанд буд, ки раисамон ҳар замон хабар гирифта меистад, пайваста ёрии моддӣ мерасонад. Дар поён, момо ману наберaҳои худро лол карда, бо шеваи салиси худ чанд шеъри халқиро қироат намуд. Ҳоло саъй мекунам баъзеи онҳоро ба рӯйи коғаз фарорам:

*Сари кӯҳи баланд то кай*
*нишинам,*
*Ки лола сар бурорад,*
*ман бичинам.*
*Ки лола сар буровард бебаҳо*
*шуд,*
*Чилими нуқрагин аз даст ҷудо*
*шуд.*
*Чилими нуқраро бандаш*
*биринҷӣ,*
*Ҳама кас дар ватан, ман дар*
*ғарибӣ.*

***

*Ман мераваму нигори ман*
*мемонад,*
*Сабр аз дили беқарори ман*
*мемонад.*
*Сабр аз дили беқарори ман*
*дар шиша,*
*Дар гӯр шавад одами*
*беандеша.*

***

*Дар муғча будам, ки бод*
*бардошт мана,*
*Модар ба ғарибиям раво дошт*
*мана.*

***

*Биё, эй модари зорам, ба ту*
*арзи диле дорам,*
*Суроғ андоз, ёри ман,*
*харидорона гум кардам.*

***

*Ибтидо кардам ба амри*
*подшоҳиям назар,*
*Доимо дорам ба даргоҳат*
*ҳамеша чашми тар.*
*Сарнавишти ман ҳамин будаст*
*аз рӯзи азал,*
*Чашм бикшою биё, бар ҳоли*
*зори ман нигар.*

***

*Аз Бухоро як хабар:*
*Алимбой кардас сафар.*
*Ғофил мондас модараш,*
*Зану бачи вай бехабар.*

Момои Сангимоҳ имрӯз дар иҳотаи фарзандон ва наберaю aберaю чабераҳои худ зиндагии осоишта ва бофароғат ба сар мебарад. Дар деҳаамон ба мисли ин модари заҳматкашида ва қаҳрамон занони зиёд ҳастанд. Кош ҳар яки мо – ҷавонон қадрдону меҳрубон бошем ва ин қабил инсонҳоро табаррук дорем. Дар Қуръони карим махсус барои ин гуна бонувон сураи "Нисо" нозил шудааст: "Эй аҳли имон! Барои шумо ирс бурдан аз занон, дар ҳоле ки хушоянди шумо нестанд, ҳалол нест. Ва ононро дар тангно ва фишор нагузоред, то бахше аз он чиро ( ба унвони маҳрия) ба онон додаед, пас бигиред, магар он ки кори зишти ошкоро муртакиб шаванд. Ва ба онон ба сурати шоиста ва писандида рафтор кунед. Ва агар (ба иллате) аз онон нафрат доштед, чӣ басо чизе хушоянди шумо нест ва Худо дар он хайри фаровоне қарор медиҳад" (ояти 19).

Бо ин дуо ба момои Сангимоҳ умри тӯлонӣ ва иродаи қавӣ орзу мекунем.

**Холбика НУРНАЗАРОВА,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Нурато.**

*Вилояти НАВОӢ.*

Дар арзҳои дӯстӣ

# АХТАРИ ТОБНОКИ ОСМОНИ ШЕЪР



Халқи туркман аз қадимулайём ҳамсоягони ҳамраъю ҳамдили мо мебошад. Моро таърих, фарҳанг ва суннатҳои умумӣ ба ҳам мепайванданд, ки асоси мустаҳками ҳамкории кишварҳоямон мебошанд. Ин аст, ки бино бар даъвати Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари давлатӣ ба мамлакатамон омадани Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов ва ба имзо расидани Шартнома дар бораи ҳамкориҳои иқтисодию фарҳангӣ дар китоби дӯстии халқҳоямон саҳифаҳои тоза кушода шуданд.

Вақте ба авроқи таърих назар меафканем, дӯстӣ ва ҳамкориҳои файзбахши адабиётҳоямонро эҳсос менамоем, дар он ном ва саҳми шоир ва мутафаккири бузург Маҳдумқулӣ – Фироқӣ бо эҳтиром ва эътирофи шоиста ба забон гирифта мешавад. Зотан асрҳост, ки туркманҳо ғазалиёти Алишер Навоӣ ва Бобурро бо муҳаббати зиёд дар забони асл мутолиа кунанд, ӯзбекону тоҷикон Маҳдумқулиро чун шоири худ қадр менамоянд ва дӯст медоранд. Шеърҳои ӯро дар иҷрои ҳофизони маъруф Комилҷон Отаниёзов ва Бобомурод Ҳамдамов бо завқ гӯш мекунанд. Имрӯз ҳамчун рамзи ин меҳру самимият яке аз кӯчаҳои Тошканд ба номи Маҳдумқулӣ гузошта шуда, ба шарафи ӯ ёдгорӣ қад рост кардааст.

Маҳдумқулӣ соли 1733 дар овули Ҳоҷиравшан, ки дар водии Гургон ва соҳили дарёчаи Атроқи ноҳияи Қароқалъаи имрӯзаи Туркманистон воқеъ аст, дар оилаи шоир ва олими намоён Давлатмамади Озодӣ ба дунё омадааст. Падари шоираш, ки аз адабиёти классикии форс-тоҷик хабардор буду таҳти таъсири «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Пандномаи Озодӣ» ном достони дидактикӣ офаридааст, оташи меҳру муҳаббатро нисбати адабиёти даҳанакии туркман ва адабиёти классикии форс-тоҷик дар дилу шуури писараш бармаҳал меафрӯзад. Барои такмили саводи ӯ муаллими хусусие бо номи Ниёзи Солеҳ пайдо мекунаду шароити хуби таълимро муҳайё месозад. Дар натиҷаи ин доираи дониш ва фаҳмиши Маҳдумқулӣ батадриҷ васеъ гашта, боиси қаноатмандии атрофиёнаш мегардад.

Падари донишманд ва ғамхор оташакҳои нахустини истеъдоди писарашро пай бурда, барои рахшонтар гардидани он, ӯро ба Бухорои илму адабпарвар роҳӣ менамояд. Ҷавони 14-солаи ташнаи илм бо як дунё орзуву ҳавас таҳсилро дар мадрасаи машҳури Кӯкалдош оғоз намуда, бо Нурӣ Козим ибни Боҳир ном ҷавони туркмани сурияги, ки аз Димишқ барои таҳсил омада буд, ошнову дӯст мегардад. Бухорои донишафзо, китобхонаҳои ғании ин шаҳри шариф, муҳити гарму ҷӯшони адабӣ ва дӯстии самимона бо Нурӣ Козим имкон медиҳанд, ки аввалин шеърҳояшро эҷод кунад. Аммо бадахлоқиҳое, ки дар мадраса авҷ гирифта буданд, ӯро маҷбур месозанд мадрасаро тарк намуда, ҳамроҳи Нурӣ Козим ба сафари Афғонистон, Эрон ва Ҳиндустон бароянд. Дӯстон баъди тақрибан якуним сол ба Самарқанд, ба умеди давом додани таҳсил меоянд. Аммо умеду ниятҳои онҳо ин ҷо амалӣ нагашта, ҷониби водии Фарғона раҳсипор мегарданд. Бино бар фикри олимони туркман Д.Аманеков ва К.Бейсов, баъди саёҳати Андиҷону Марғелон, Қӯқанду Намангон ва Хуҷанд роҳи Хоразмро пеш мегиранд. Бо сарсониву саргардониҳои зиёд ба Хева расида, дар мадрасаи Шерғозӣ ба таҳсил шурӯъ мекунанд. Истеъдоди дурахшони Маҳдумқулӣ ба хусус дар соли дувуми таҳсил ҳамаро қоил мекунад ва устоди ҳайратзадааш Полвон (шояд Муҳаммад Паҳлавон бошад?) ин шогирди хушзеҳнашро ба ҷойи худ муаллим таъин менамояд. Умуман, айёми таҳсил дар мадрасаи Шерғозӣ аз беҳтарин давраҳои умри шоир буданд, ки тавсифи он дар шеъри «Шерғозии зебо»-и шоир ҳам ифодаи худро ёфтааст.

Маҳдумқулӣ ҳамчун шоири навпардоз ба адабиёти туркман ашъори рангину муаттаре эҳдо намуд, ки солҳои тӯлонӣ вирди забони мардум аст. Ин осор ҳамчун суруди рӯҳафзо шарики ғаму шодии мардум мебошад. Олими маъруфи шарқшинос Е.Бертелс шеърҳои ӯро «лаъли гуҳаррез ва дурахшон» номида, ҳанӯз дар аввали садаи гузашта диққати муҳаққиқони таърихи адабиётро ба он ҷалб карда буд. Устод Айнӣ дар яке аз мактубҳои худ ба Лоҳутӣ навишта буд: «Маҳдумқулӣ... шоири хубест. Асарҳои ӯ то инқилоб ба забони русӣ ва забонҳои аврупоӣ тарҷума шудаанд».

Воқеан, бино бар таъкиди олими робиташинос Валӣ Самад тарҷумаву шӯҳрати ҷаҳонӣ касб намудани шеъри Маҳдумқулӣ таърихи дароз дорад. Бино ба гуфти ин олим, бори нахуст сайёҳ ва адабиётшиноси поляк Александр Ходзко аз Маҳдумқулӣ дарак дода, се шеъри ӯро дар асл ва тарҷумаи англисиаш (соли 1842) дар Лондон ба табъ расондааст. Соли 1863 бошад, сайёҳ ва олими венгер Герман Вамберӣ (Арминий) дар либоси дарвеше пинҳонӣ ба минтақа омада, ба омӯхтани забон, таърих ва тарзи зиндагии халқи туркман мепардозад ва дар як вақт ба гирд овардану омӯхтани осори Маҳдумқулӣ муяссар мегардад. Ӯ соли 1879 шеърҳои шоирро дар асл ва тарҷумаи немисиаш дар Лейпциг нашр менамояд. Соли 1904 баъди ҷустуҷӯйҳои зиёд шарқшинос И.Беляев девони комили шоирро аз зодгоҳи шоир дастрас менамояд. Соли 1907 аз рӯйи ҳамин бозёфт муҳаррири онвақтаи газетаи «Туркистон» Н. Остроумов мунтахаботи шоирро дар Тошканд ва олими тоҷики бухороӣ Абдураҳмони Ниёзӣ соли 1912 матни комили «Девон»-ро дар Аштархон ба табъ мерасонанд.

Имрӯз матни комили ашъори ӯ дар ду ҷилд ба забони туркманӣ ва даҳҳо тарҷумаҳои он ба чандин забони халқҳои Осиё ва Аврупо нашр ва паҳн шудаанд. Боиси заҳматҳои шоирон Муҳиддин Аминзода, Бобо Ҳоҷӣ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳиддин Фарҳат, Ҳадиса, Аслам Адҳам ва дигарон шеъри ин шоири маъруфи туркман дастраси хонандагони тоҷик низ шудааст.

Мавзӯи асосии эҷодиёти шоирро тараннуми ишқи пок ва сӯзу сози беназири он, панду ҳикматҳо, ватанхоҳӣ ва муттаҳид намудани қабилаҳои парешони туркман, шикоят аз замона, ғаму андӯҳ аз марги бародарону фарзандон ташкил медиҳанд, ки аксар дар навъҳои адабии достон, ғазал, чаҳорпораҳо (тошмаҳо), мусаддасу мухаммас густариш ёфтаанд. Ӯ бо ашъори гуҳаррези худ ҳамчун шоири навовар ба адабиёти нави туркман асос гузоштааст.

Маҳдумқулӣ ба офаридаҳои адибони форс-тоҷик ихлоси баланд дошт. Ба хусус Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз барин суханварони беназири онро қадру ситоиш менамуд. Ин аст, ки дар ашъори рангини ӯ таъсири файзбахши онҳо ба мушоҳида мерасад. Чунончи, ҳини хондани шеърҳои ватандӯстонаи шоир рӯҳ, ҷасорат ва хулосаҳои мантиқии Фирдавсӣ эҳсос мешаванд, ки аз дилбастагии муаллифаш ба ин шоири маъруф гувоҳӣ медиҳанд:

*Ҳеҷ аст дусад буздил дар лаҳзаи даркорӣ,*
*Бар хасм зафар ёбад сарбози*
*фидокоре.*

Инчунин шоир андешаҳои фалсафии хешро баъзан хайёмона дар бораи қазову қадар, гузашти умр фикрҳои ҷолиби назарро ба миён мегузорад:

*Он мурғи фараҳ, ки бахт номаш ҳаст,*
*Дирӯз, ки рахт то ба гардун баст,*
*Имрӯз параш чу аз қазо бишкаст,*
*Афтода миёни лойдон бошад...*

Силсилашеъри «Равӣ – рав амон» ба санъати саволу ҷавоб навишта шуда, шеърҳои ин навъи Камолу Ҳилолиро хотиррасон мекунанд. Онҳо равону гӯшнавоз буда, бори маънӣ мекашанд:

Гуфтам: «Рухи ту тобон»,
Гуфто ки: «Менглӣ ҷонон!».
Гуфтам: «Дилам пурармон»,
Гуфто: «Дили ту вайрон».
Гуфтам: «Бимирам акнун»,
Гуфто: «Намир, амон мон!».
Гуфтам: «Ту тирмижгон»,
Гуфто: «Камони қошон?».
Гуфтам: «Ба рӯйи ту хол»,
Гуфто: «Ба ранги гулҳо».
Гуфтам: «Забон чу қумрӣ»,
Гуфт: «Андалеби гӯё».
Гуфтам: «Биё, хабар гир»,
Гуфт: «Одамон дар он ҷо».
Гуфтам: «Чӣ сарви қомат!»,
Гуфто: «Бубин миёнро»...

Дар ашъори Маҳдумқулӣ тарғиби ахлоқи ҳамида ва тарбияи инсони боадабу маърифат ҷойгоҳи хос дорад. Дар аксар шеърҳои панду насиҳатии ӯ некиву накӯкорӣ тараннум ёфтаанд. Дар онҳо мардум ба олиҳиммативу бедордилӣ даъват мешаванд. Ҳикматномаҳои шоир аз таҷрибаи рӯзгор файзёб гаштаанду барҳақ дуруст будани гуфтаҳои зерини мутахассисони адабиёти туркманро гувоҳӣ медиҳанд: «Шеърҳои ҳайратангези Маҳдумқулӣ барои туркманҳо, баъди сураҳои Қуръон аз китобҳои хонданибоб мебошанд».

Дар байни ҳикматномаҳои шоир ашъори ватанхоҳӣ ҳам назаррасанд, ки дар онҳо доманаҳои кӯҳи сабзу хуррами зодгоҳ, обу ҳавои диёри шоир бо меҳру садоқат тараннум ёфтаанд:

*Нури чашмонам – гули хушбӯю тар,*
*Чашмаю кӯҳу ҷиболи туркман!...*
*Соярезу анбарафшон боғҳо,*
*Нору ноқа хушчаро дар роғҳо.*
*Булбулони даштӣ аз гул доғҳо,*
*Пурфараҳ ҳусну ҷамоли туркман.*

Дар ин қабил ашъор Маҳдумқулӣ мисли шоирони номдори туркман Андалеб, Маъруфӣ, Сайидӣ, Зелилӣ ва Мулло Напас қабилаҳои парешону парокандаи туркманро ба муттаҳидӣ, мардумро ба ҳимояи Ватан, бародариву дӯстӣ даъват менамояд. Умри дубораи шоир дар шеърҳояш идома меёбад. Ному эҷодаш аз дили халқ маскану маъво гирифтаанд. Дар ин хусус худи ӯ гуфта буд:

*Халқи худ аз чашми худ манмой дур,*
*Гавҳари гуфторро қадре шинос.*

**Абдусалом САМАДОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ.**

# «ҚАЛАМ ГУФТО, КИ МАН ШОҲИ ҶАҲОНАМ...»

***Адабиёт ба туфайли қаламчаи қалам арзи вуҷуд карда, нашъунамо меёбад ва бо меваҳои рангин – суханони пурҷозибаю зебо дилҳоро ба ҷӯш меоварад. Боғи сухан низ ниёзманди боғбони хуб ва ғамхорист.***

***Қарори Президент аз 5 апрели соли 2018 «Дар бораи чораю тадбирҳои боз ҳам такмил додани фаъолияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон» ва қарори Девони Вазирон аз 13 июни соли 2018 «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагӣ бобати такмил додани фаъолияти Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон ва мустаҳкам намудани пойгоҳи моддию техникии он» баҳри рушди адабиёти бадеӣ дар мамлакатамон омили муҳим гардид.***

***Суҳбати мо бо раиси шуъбаи вилояти бухороии Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Шодмон СУЛАЙМОН оиди вазъи имрӯзаи муҳити адабии вилоят сурат гирифт.***



**– Шодмон Султонович, дар бораи муҳити адабии имрӯзаи вилоят чанд сухан мегуфтед.**

– Ҳоло дар вилоят 17 нафар аъзои Иттиҳоди нависандагон фаъолият доранд. Онҳо бо шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста гардида, дар асоси ҷамоатӣ ба фаъолияти шуъба кӯмак мерасонанд. Дастгирӣ намудани азму кӯшиш ва имкониятҳои эҷодии аъзои иттиҳод, эҷодкорони синну солашон гуногун, хусусан, ҷавонон, вазифаи асосии мо ба шумор меравад. Бо ин мақсад имрӯз дар вилоят 18 маҳфили адабӣ фаъолият дорад. Ба ғайр аз ин, дар ҳар як муассисаи таълимӣ, мактабҳои «Баркамол авлод»-и бачагон, таҳририяти рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ, назди марказҳои ахбору китобхона бо мақсади рӯйи об баровардани имкониятҳои эҷодии ҷавонон маҳфилҳо амал мекунанд. Дар онҳо беш аз 2800 нафар ҷавон асрори эҷодиёти бадеиро меомӯзанд. Байни онҳо ғолибон ва ҷоизадорони озмунҳои эҷодӣ ҳастанд. Соли гузашта узви маҳфили «Нилуфар»-и назди шуъбаи вилоятӣ Дилафрӯз Истамова сазовори Мукофоти давлатии ба номи Зулфия гардид. Узви маҳфили «Қалдирғоч» Фарангис Исоқова дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Китобхони ҷавон» соҳиби ҷойи дуюм шуд. Дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни талабагони мактаб – «Ҳикояи сол» толибаи мактаби рақами 4-уми ноҳияи Шофиркон, узви маҳфили «Эҷодкори ҷавон» Гавҳаршодбегим Носирова ҷойи сеюмро ба даст даровард.

**— Бинобар қарорҳои таъкидёфтаи Президент ва ҳукумат дар шуъбаи Иттиҳоди нависандагон чӣ гуна имкониятҳо ба вуҷуд омаданд?**

– Мувофиқи ин ҳуҷҷатҳо шуъбаи вилоятии мо соҳиби пойгоҳи моддӣ-техникии хуб гардид. Шӯрои бадеии назди шуъба 12 номгӯй китоби аъзои иттиҳод ва ҷавонони эҷодкори вилоятро бо нусхаи зиёд аз чоп баровард. Дар байни онҳо китобҳои Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ «Муҳаббатим» (дар тарҷумаи Корманди хидматнишондодаи маданияти Ӯзбекистон Самандар Воҳидов), «Диёр ва ёр»-и шоир, Корманди хидматнишондодаи фарҳанги Ӯзбекистон Ғулом Шомурод, китобҳои шоирони ҷавон Камолиддин Шукур ва Хуршед Неъмат низ ҳаст. Ин китобҳо ройгон дастраси муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои ахбору китобхонаҳо шуданд.

Соли гузашта ҳамчунин осори 75 нафар адибони ҷавони бухороӣ аз чоп баромад.

Бояд таъкид намуд, ки бунёдҳои адабиёти байналхалқии ИМА ва Ҳиндустон китобҳои Дилафрӯз Исматова, Гӯзал Рӯзиева барин ҷавононни бухороиро ба забони англисӣ тарҷума карда, дастраси хонандагон гардонданд.

Натиҷаи ҳамкории мо бо ДДБ ва маркази вилоятии «Хотира» боиси ба вуҷуд омадани китоби ёдномаи «Ёдатон ҳамеша дар дил» гардид.

Ин китоби хотиравӣ авлоди имрӯзаро бо рӯзгори ибратбахши фарзандони асили Бухорои шариф ва гирду атрофи он, шоиру нависандагон, олимони сарзамини кӯҳна: Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Шариф Нурхон, Султон Ҷӯра, Мустақим Мирзоев, Саидҷон Алиев, Тошпӯлод Ҳамид, Аҳад Ҳасан, Тоҷӣ Қароев, Неъмат Аминов, Сафар Барноев, Охунҷон Сафаров, Фарҳод Қосимов, Амон Мухтор, Раҳим Воҳидов, Самандар Воҳидов, Садриддин Салими Бухорӣ, Тилак Ҷӯра, Усмон Кӯчқор шинос мекунад.

**– Имрӯз дар вилоят эҷодиёт ба кадом забонҳо сурат мегирад?**

– Алоқаҳои маданию адабии халқҳои тоҷику ӯзбек, ки арзишҳои маънавии муштарак доранд, ба гузаштаҳои дур мепайвандад. Он меҳру оқибат, дӯстие, ки замоне байни ду мутафаккири бузурги Шарқ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва ҳазрати Алишери Навоӣ падид омада буд, барои халқҳоямон ҳамеша намунаи ибрат буду ҳаст. Ин анъанаи дӯстиро президентҳои мамлакатҳоямон Ш. Мирзиёев ва Э. Раҳмон такони нав бахшиданд.

Он анъанаи дузабонӣ, ки дар Бухорои қадимӣ роиҷ буду Муҷрим Обид, Мирзо Содиқ Муншии Ҷондорӣ, Қозӣ Қурбонхон Фитрати Вардонзеҳӣ, Садриддин Айнӣ ва Абдурауф Фитрат барин устодони бузурги сухан ба пояи баланд бардошта буданд, минбаъд Охунҷон Сафаров, Садриддин Салими Бухороӣ, Аҳмад Самади Ниҳолӣ барин эҷодкорон идома доданд. Имрӯз бошад, ба туфайли ашъор ва дубайтиҳои Ибодат Раҷабова, Исроил Субҳонӣ, Бобур Бобомурод, Шуҳрат Ҳомидӣ барин шоирон он ҳамоно пойдор аст. Дар ин ҷараён асарҳои насрӣ, манзум ва публитсистии Аминҷон Шукуров (шодравон), Асад Гулзодаи Бухороӣ, Ҳадя Раҷабова, Алимурод Темиров барин эҷодкорони тоҷики вилоят боиси бардавомии анъана мегардад. Хусусан, саҳми Асад Гулзода бобати инкишофёбии назми бачагона ва калонсолон ҷудогона аст. Асарҳои вай «Насими Бухоро», «Хати пешона», «Шукуфаҳои Бухоро», «Намози рӯйи барг», «Нафаси баҳор», «Арзи сипос», «Куллиёти осор» (иборат аз се ҷилд), ки солҳои гуногун аз чоп баромадаанд, шеърҳои зиёди ӯ, ки шомили китобҳои дарсӣ ва хрестоматияи мактабҳои тоҷикӣ шудаанд, барои ҳаводорони назми тоҷик шиносанд. Маҷмӯаҳои шеърии шоира Ҳадя Раҷабова, ки бо вазни арӯз таълиф ёфтаанд, диққатҷалбкунандаанд.

Соли 1983 гулдастаи шеърии Шоири мардумии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ бо тарҷумаи шоири бухороӣ Самандар Воҳидов дастраси ҳаводорон гардида буд. Ба қарибӣ нашри такрории он боз ба мухлисон пешкаш карда шуд.

**– Соли ҷорӣ чӣ пешомадҳои хурсандибахшро интизоред?**

– Зиёд намудани сафи аъзои иттиҳод аз ҳисоби ҷавонон, дастгирӣ ва ҳавасманд намудани ҷустуҷӯйи эҷодии онҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, ташкил намудани нашриёт ва дукони китоб дар назди шуъбаамон аз ҷумлаи вазифаҳои дар пешистодаанд.

Муҳимтаринаш пешниҳоди мо бобати дар вилоят ташкил додани Мактаби эҷодии ба номи Абдурауф Фитрат ба нақша даромадааст. Вай бояд моҳи сентябри соли равон ҷомаи амал пӯшад.

**– Барои суҳбат ташаккур. Комёб бошед.**

– Раҳмат.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ДАР ДАВРАИ КАРАНТИН – БО «АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ»

Падарам сухани ҳикматноке дошт, модарам низ онро гоҳо ба забон меовард, боре аз даҳони бобоям низ шунидаам, ки ин аст: «Ҳамин дамро ғанимат дон, фалак шӯре наангезад». Дертар, вақте бо шеър сарукор доштам, пай бурдам, ки он мисрае аз шеъри арӯзии тоҷик будааст дар вазни дубайтӣ. Вожаи «шӯр» маънии ошуфтагӣ, парешонӣ, фасод, вайронӣ ва фитнаро дорад. Хоҷа Ҳофиз низ вожаи «шӯр»-ро мавриди истифода қарор додааст. Мисол:

*Ин чӣ шӯрест, ки дар даври*
*қамар мебинам,*
*Ҳама офоқ пур аз фитнаву шар*
*мебинам.*

Коронавирус ё вируси тоҷдор шӯре буд, ки дар дили мардуми олам таҳлука андохт. Заводу корхонаҳо аз кор монданд, талафоти молию ҷонӣ зиёд мегардад, он дар дили мардум нигаронии гирифторӣ ба ин беморӣ ва хатари марг эҷод мекунад. Мутахассисон бар онанд, ки роҳи ягонаи пешгирии ин бемории сироятӣ дар хона будан, пӯшидани ниқоб, фосила нигоҳ доштан ва риоя кардан ба қоидаҳои гигиена мебошад. Бо назардошти ин ҳама давраи карантин идома дорад.

Сухан дар ин навишта аз пандемияи коронавирус нест, балки аз гузарондани вақт дар ҳолатҳои бекорӣ аст.

Солҳои донишҷӯйӣ «Ёддоштҳо»-и устод Айниро мутолиа намуда будам. Тасмим гирифтам, ки дар давраи карантин онро бори дигар хонам. Аз он ки солам ба ҷое расида, доираи ҷаҳонбиниам як андак вусъат пайдо кардааст, ин хондан аз он хондан фарқи куллӣ дошт. Дарвоқеъ, ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвареро тавассути рӯзгор, рафтор, гуфтор ва кирдори шахсони таърихӣ ба қалам додан аз нависанда истеъдоди фавқулоддаро тақозо дорад. «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ собит менамояд, ки ӯ нависандаи хеле бузург аст. Воқеан, қаламиҳои ӯ натанҳо ба бедории шуури миллати тоҷик, балки кулли халқҳои Осиёи Марказӣ ва дунё хидмат кардаанду мекунанд. Дар рафти мутолиа мисли ҳамеша дар зери ҷойҳое, ки ба дилу мафкураам наздик буданд, хат кашидам. Устод дар боби «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ», аз ҷумла, дар бораи шахси озодфикр ва рӯшодгӯйи охири садаи XIX Яҳёхоҷа маълумот медиҳад.

Дар таърихи давлатдории Ӯзбекистони навин (давраи шӯравӣ ва чанд даҳсолаи охир дар назар аст) Шавкат Мирзиёев нахустин роҳбари давлате буд, ки рӯ ба мансабдорони хурду бузург оварда гуфт: «На халқ ба идораҳои давлатӣ, балки идораҳои давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунанд». Ин гуфта аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то ин рӯзгор на идораҳои давлатӣ ба халқ, балки халқ ба идораҳои давлатӣ хидмат карда будааст.

Яҳёхоҷа аз он ки мансабдорони амир дар хидмати халқ нестанд, онҳоро чашми дидан надорад. Ба ин нукта мутаваҷҷеҳ бошед: «Боре Яҳёхоҷа ба ҳавлии Шарифҷон-махдум омад, ки дар хона чанд нафар шоирон нишаста буданд. Ӯ, баъди аз назар гузаронидани онҳо, ба соҳиби хона хитоб карда гуфт:

– Ту гӯл ҳастӣ, ки ин ғӯлҳоро ба атрофат ғундошта менишинӣ, ту гумон мекунӣ, ки инҳо дар хонаи ту ҷамъ шуда мушоира намуда, аз якдигар чизе меомӯзанд. Аммо дар ҳақиқат ин тавр не. Инҳо барои ошу нони туро хӯрдан ғун мешаванд, вагарна ба хонаи ман чаро намераванд, чунки дар он ҷо ошу нони барзиёд нест.

Шарифҷон-махдум гуфт:

– Хуб, ман ба марҳамати шумо «гӯлӣ»-ро ба гардан гирифтам. Лекин шумо ин бечорагонро, ки ба касе зарарашон нарасидааст, чаро ғӯл меномед?

– Ҳарчанд ки, – гуфт Яҳёхоҷа, – ҳоло инҳо ба назари кас фарзанди одам барин намоянд ҳам, дар оянда ғӯл мешаванд: ҳамин ки хатми дарс (мадраса) намуданд, дар пайи мансабгирӣ афтода, амиру вазиру қозикалонро мадҳгӯӣ мекунанд. Кадоми инҳо, ки дар дурӯғгӯӣ ҳунармандтар бароянд, дар ҷое қозӣ ё раис мешаванд ва дар он сурат на ғӯли оддӣ, балки ғӯли биёбонӣ мегарданд...»

Яҳёхоҷа боре бо Ҷӯрабек ном савдогаре дар ҳузури Шарифҷон-махдум суҳбат мекунад:

– Бедилро хондаед? – дубора савол дод Яҳёхоҷа.

– Дар мактаб хонда будам.

– Маънии шеърҳои Бедилро мефаҳмед? – гӯён Яҳёхоҷа савол дод ва ба ҷавоби Ҷӯрабек мунтазир нашуда гуфт:

– Не, намефаҳмед! Агар мурда бошад – марҳум ва агар зинда бошад – малъун домуллои мактабатон ҳам Бедилро намефаҳмад...

Яҳёхоҷа сонияе сукут карда, боз давом намуд:

– Бедил дар яке аз шеърҳои ommафаҳмаш гуфтааст:

*Кисаи ҳеч кас надид пурӣ,*
*То накард иртикоби кисабурӣ.*

(Ин ҷо вожаи «иртикоб» ба маънии шурӯъ кардан, машғул шудан омадааст).

Яҳёхоҷа баъд аз хондани ин шеър аз Ҷӯрабек рӯ тофта ба Шарифҷон-махдум нигоҳ карда гуфт:

– Ман ба раис ва миршаби Бухоро ҳайронам, ки як бечораи пойбараҳнаро бо гуноҳи кисабурӣ дастгир карда, таъзир (дарразанӣ) намуда ҳабс мекунанд. Ва ҳол он ки кори кисабури оддӣ барор гирад, панҷ ё даҳ тангаи касеро аз кисааш мегирад... Аммо ба он гуна кисабурҳое, ки Бедил дусад сол пеш аз ин ба пошнаи онҳо тамғаи кисабуриро задааст ва аз ин пеша садҳо ҳазор тилло ёфтаанд, кор надоранд. На танҳо кор надоранд, ҳатто инҳоро ҳурмат ҳам мекунанд...

– Туф ба ин кисабурон, ки калонашон ҷаноби олӣ аст! – гуфт ва аз суфаи меҳмонхона фуромада рафт...

Чунин ба назар мерасад, ки то имрӯз Яҳёхоҷаҳои зиёде аз суфаҳои пасту баланд «туф ба кисабурон» гуфта, фуромада рафтаанд ва тӯли қарнҳо на мансабдорон ба халқ, балки халқ ба мансабдорон хидмат кардааст. Дур наравем, дар даҳсолаҳои охири аҳди шӯравӣ низ, бо вуҷуди он ки вазъи иқтисодӣ бад набуд, ҳама бо кор таъмин буданд, мардум ба дунболи рӯзӣ ба кишварҳои дурдаст намерафт..., деҳхудоён аз вазифа суиистифода мекарданд, мансабдороне билети ҳизб дар ҷайб хуни мардумро шулуквор мемакиданд, чашмбандиву порахӯрӣ доман густурда буд. Ба баҳонаи роҳсозӣ ва таъмири ҷорию куллии биноҳои маъмурию хоҷагӣ ва дигар корҳои ободонӣ миллионҳо сӯми халқ рабуда мешуд, яъне чӯпон бо гург якҷоя рамаро медарид, мақомоти суду прокуратура бошад, бештар кисабурони оддиро ба ҷавобгарӣ мекашид...

Бубинед, порае аз асари як нависандаи бузург хонандаро фикран то куҷоҳо мебарад. Пас, китобҳои диниву дунявӣ натанҳо «аниси кунҷи танҳоӣ», балки «фурӯғи субҳи доноӣ» низ будаанд.

Баъзе донишмандон инсонро ҳайвони ақлаш рушдкарда қаламдод кардаанд. Дарвоқеъ, то ба синни булӯғ расидан на ҳама рафтору кирдорҳои ин ҳайвони рушдкарда инсонианд. Воситаи ягонае, ки ӯро ба чаҳорчӯбаи инсонӣ медарорад, маърифат аст, ки он сарфи назар аз динӣ ва дунявӣ будан, аз китоб ҳосил мегардад. Шубҳае нест, ки торикиҳои зиндагиро чароғи маърифат рӯшан месозад, ба маънии густурдааш маърифат зиндагии боҳаловатро (комфорт) таъмин менамояд. Пас, аз ботлоқи бозмондагӣ моро на моддият, балки маънавият берун мекашидааст.

**А. СУБҲОНОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# БА МАКТАБҲОИ ВИЛОЯТИ СУРХОНДАРЁ КИТОБҲО ПАҲН КАРДА ШУД

*Бо ташаббуси ҳокими вилояти Сурхондарё ба 921 мактаби таълими умумии вилоят беш аз 45 ҳазор адабиёти бадеӣ дар 50 номгӯй, инчунин китобҳои афсонаҳои гуногун ба забонҳои ӯзбекиву русӣ расонда шуданд.*

*Таъкид намудан ҷоиз аст, ки моҳи январи соли ҷорӣ аз ҷониби ҳокимияти вилоят ва раёсати вилоятии Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавии назди Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи лоиҳаи «Корвони китоб» ба китобхонаҳои мактабҳои таълими умумӣ дар 55 номгӯй 50 ҳазор адабиёти бадеӣ дастрас гардида буд. Моҳҳои феврал ва март дар ҳудудҳо дар доираи ярмаркаи фурӯши китоб, ки таҳти шиори «Ба мактаби худ ва фарзандам китоб ҳадя мекунам», «Китоб – пойдевори оянда» гузаронида шуд, ба масканҳои таълим 45 ҳазор дона китоб тақдим намуданд.*

*Чунин чорабиниҳои дар доираи иҷрои панҷ ташаббуси муҳими аз ҷониби Президенти кишвар пешбаришуда дар тарғиби китобхонӣ байни хонандагони мактабҳои таълими умумӣ, ташаккули маданияти мутолиа ва баланд бардоштани маънавияти ҷавонон аҳамияти муҳим касб менамояд.*

*500 миллион сӯмина «Корвони китоб»-и навбатӣ бо ҳамроҳии намояндагони раёсати таълими халқи вилоят сӯи мактабҳои шаҳру ноҳияҳо раҳсипор шуд.*





Суратгир: Ҷонибек ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

***Дар сурат:** лавҳаҳо аз чорабинӣ.*

# ҶАМЪИЯТИ ӮЗБЕКОНИ ВИЛОЯТИ СУҒД АЗ ПРЕЗИДЕНТИ МО МИННАТДОР

***Расонидани кумакҳои фаврӣ ба осебдидагони кандашавии обанбори Сардобаи вилояти Сирдарё дар кишвари ҳамҷавори мо – Тоҷикистон низ боиси таваҷҷӯҳ гаштааст. Аз ҷумла, Маркази “Маънавият ва маърифати ӯзбекон”-и вилояти Суғд барои ин мисоли равшан шуда метавонад.***

Раиси ин марказ Илҳом Юсупов зимни як суҳбат бо хабарнигор гуфтааст.

– Кандашавии пеши обанбори Сардоба мо, ӯзбекони вилояти Суғдро ба изтироб ва нигарониҳо мувоҷеҳ намуд. Гузаштагонамон “Баъзан бадбахтӣ ҷуфт меояд” гуфтаанд, ки дар давраи пандемияи коронавирус ин ҳодисаи мудҳиш рӯй дод ва моро ғамгин сохт. Зеро агар ба дасти мардуми Ӯзбекистон хоре халад, ҷони моро низ ба дард меорад.

Ба таъкиди раиси марказ бо вуҷуди ин як нуктаи дигар мавҷуд аст, ки одамро хотирҷамъ месозад. Баробари ин рӯйдод Президент Шавкат Мирзиёев ба ҷои ҳодиса шитофт ва мунҷар ба он шуд, ки ба осебдидагони ин ҳодисаи фоҷиабор саривақт ва зуд расонидани ҳама кумакҳоро таъмин кунад.

Мулоқоти Президент Шавкат Мирзиёев бо вакилони халқ низ баёнгари он мебошад, ки ягон нафар сокини ин минтақа аз назари эътибору таваҷҷӯҳ берун намемонад.

– Нуктаи дигаре, ки дар мо ҳисси ифтихорро бедор намуд, ҳазорҳо сокини ин минтақаи осебдида – пиру барно, занону духтарон, кӯдакон соҳиби иродаи матин доштани худро намоиш дода тавонистанд. Мо тавассути шабакаҳои телевизионии Ӯзбекистон дидем, ки ба ниёзмандон хизмати тиббии фаврӣ расонда мешавад, барояшон шароити маишӣ фароҳам меоваранд, бо маводи хӯроквории таъмин мекунанд, ҳамчунин дар муддати кӯтоҳ барои одамони аз ин ҳодиса осебдидаву бе ҷову макон ҷои зист тайёр карда доданд,– зикр намудааст И. Юсупов.

Тавре ки ӯ тазаккуур додааст, тамоми мардуми Ӯзбекистон ба ин вазъият бетафовут набудани худро нишон доданд. Ҳатто кӯдакон низ аз ин раванд дар канор намонданд ва барои ҳамсолони осебдидаи худ бозичаҳои худро фиристоданд.

– Мардумони мо ҳазорҳо сол паҳлӯи ҳам зиндагӣ кардаанд ва дар тамоми рӯзҳои хубу мудҳиш боҳам будаанд, барои ҳамдигар дасти мадад дароз кардаанд. Мо кумакҳои ин кишвари ҳамҷаворро ҳангоми ташаннуҷи авзои сиёсиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва зилзилаи Қайроқум ҳаргиз фаромӯш нахоҳем кард,– бо қаноатмандӣ изҳор кардааст И.Юсупов.

Дар ин рӯзҳои пурхатар ва дунёгиршавии коронавирус низ Ӯзбекистон ду бор ба Тоҷикистон кумакҳои башардӯстона расонд.

– Мо тоҷикистониён ба далели коронавирус дар паҳлӯи бародарони сирдарёии худ буда наметавонем, вале рӯҳан ва қалбан бо онҳо ҳастем. Бовар дорем, ки рӯзҳои вазнин зуд гузашта мераванд ва даврони хурсандии мо фаро мерасад. Онгоҳ мо рӯзҳои шоду сурурро дар канори ҳамдигар идома хоҳем дод,– ба ҳарфҳояш хотима бахшидааст раиси Маркази “Маънавият ва маърифати ӯзбекон”-и вилояти Суғд дар суҳбат бо хабаргузории “Дунё”.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**“Овози тоҷик”.**

АКСИ САДО

# ХУДШИНОСУ ХУДОГОҲ БОЯД БУД!

Ҳоло дар кишвар рӯшодгӯйию ошкорбаёнӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми сафараш ба Туркия гуфта буд: “Ӯзбекистон алҳол мисли пештара нест”. Оре, дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ислоҳоти ояндасоз идома доранд. Дар алоқамандӣ ба ин раванди ояндасоз тафаккур ва мафкура, ҷаҳонбинӣ ва худшиносию озодандешии мардум низ ташаккул ва равнақ меёбад.

Президент Шавкат Мирзиёев мардуми Туркияро бо ифтитоҳи китобхонаи нав табрик намуда, гуфта буд: “Ҳар як давлат ва миллат дар ҷаҳон, пеш аз ҳама, бо нерӯи зеҳнии худ, маънавияти баландаш тавоност. Манбаи ин қудрати мағлубнопазир китоб – бузургтарин кашфиёти инсоният ва китобхонаҳо мебошанд”.

Мушкилоти китобхониву китобдорӣ, нарасидани китобҳои илмию бадеӣ ба забони модарӣ дар муассисаҳои олӣ ва таълими миёна дастбакорони соҳаро ба ташвиш овардааст, яъне аз хоб бедор кардааст.”Мутолиа хуб. Агар китоб набошад-чӣ?” ном мулоҳизаҳои Фирӯз Мирзоҷонов (“Овози тоҷик”, №18, 26. 02. с. 2020) ва “Тарбияи истеъдодҳои ҷавон – талаби давр”-и Мирзораҳим Мирзоазизов («Овози тоҷик», №19, 29.02.с.2020) ҳар як шахсро ба андеша кардан водор месозанд. Агар дар мақолаи аввал аз набудани китобҳои илмию бадеӣ ба забони тоҷикӣ сухан рафта бошад, дар мақолаи дуюм ду муаммо: набудани китобҳои бадеӣ ва дархости имтиёзҳо барои хонандагони мактабҳои ғайриӯзбекӣ дар имтиҳоноти дохилшавӣ ба таълимгоҳҳои олӣ бардошта шудаанд.

Имрӯз дар ҳамаи нашриётҳои Ӯзбекистон ба бисёр забонҳо, аз он ҷумла ба забони тоҷикӣ, асарҳо табъу нашр мешавад. Чанде пеш дар нашрияи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию адабии “Ховар” хондам, ки “Ҳоли ҳозир дар Ӯзбекистон 6 нафар аъзои Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, тақрибан 10 нафар узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, беш аз 400 нафар адиби тоҷикзабон дорем”.

Дар кишвар ҳавзаҳои адабӣ ташаккул ёфтаанд. Китобҳои зиёди бадеӣ – назмию насрӣ, илмӣ, илмию оммавӣ рӯйи чопро дидаанд. Адибон ва олимони шинохта чун Паймон, Абдулло Субҳон, Ҷаъфари Муҳаммад, Муҳаммад Шодӣ, Бекназар Тӯйназар, Аслиддин Қамарзода, Садрӣ Саъдиев,Ҷумъа Ҳамроҳ ва даҳҳо нафари дигар аллакай хонандаи худро доранд...

Бояд таъкид сохт, имрӯз дар Ӯзбекистон ҳавзаҳои адабии Тошканд (аз ҳисоби адибону олимони вилоят ва саросари ҷумҳурӣ) ва Сурхондарёю Самарқанду Фарғона ташаккул ёфтаанд. Мавриди таъкид аст, ки дар ватани мо мактаби тарҷумонӣ низ шакл гирифтааст. Аммо дар бораи ҳавзаи Бухоро, ки аз Рӯдакию Сино то Айниву Пайрав Сулаймонӣ садҳо адибу олимонро дода буд, имрӯз ин суханҳоро гуфтан мушкил аст. Дар 20-25 соли охир аз вилояти Бухоро номи адиби наверо нашунидаем, ки дар вилоят чун Ҳадя ва Асад Гулов, Амрулло Авезов аробаи таърихи беш аз дуҳазорсолаи тамаддун ва “забони бухороӣ”-ро пеш кашад.

Инсон барои ба мақсад расидан бояд саъйу талош кунад. Саъйю талош барои дархосту пешниҳоди созандаву бунёдкор, баҳри пешрафти ҷомеаву кишвар, ташаккул додани маърифат ҳаргиз ҳаракати ифроткорӣ ва ё ҷиноятгорӣ нест. Он ҳама ба ташаккули мафкураву маърифати ҷавонон кӯмак мекунаду халос. Ба мактабҳои тоҷикии ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ аз ҷониби Шуъбаи таълими халқи ноҳия дастрас шудани 13 номгӯй китобҳои бадеӣ ба теъдоди қариб 1600 адад натиҷаи судманди дархосту даву този маъмурияти мактабҳои тоҷикии ноҳия буд. Вале тааҷҷубовар аст, ҳар як номгӯйи китоб ба теъдоди 161 нусха чоп шудааст! Ҳол он ки ҳар як номгӯйи китобҳои таълимӣ барои хонандагони синфи 10-уми мактабҳои тоҷикӣ дар соли 2017-ум 7648 адад чоп шуда буд! Ба замми ин зиёданд муассисаҳои таълимии томактабӣ ва дӯстдорони адабиёт. Онҳо низ бояд шеър аз ёд кунанд, афсонаву ҳикоя, қиссаву романҳоро ба забони модарии худ хонанд. Онҳо китобро аз куҷо мегиранд? Масоили китобдориву китобхонӣ дар Ӯзбекистон ба сиёсати давлатӣ мубаддал гардидааст. Китобро дӯсти ғамхор, ҳамроҳи вафодор ва ба ин хотир нодиртарин офаридаи инсоният медонанд. Муҳимтарин манбаи ташаккул ва равнақи дониш, тафаккур ва маърифат, худшиносиву худогоҳӣ ва озодандешии инсон китоб ва расонаҳои ахбори оммавӣ мебошанд.

*Аниси кунҷи танҳоӣ*
*китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ*
*китоб аст.*

Чӣ пандест мондагор. Таърих аст гузашти рӯзгор. Таърихи ниёкон, таърихи бобоёну падарон сабақ аст моро. Гузашти зиндагии мо, гузашти рӯзгори мо, таърихи мо сабақест пасомадонро. Таърих омӯзгор аст, хотираи таърихии моро сайқал медиҳад, рушду ривоҷ мебахшад. Бе хотираи таърихӣояндаи дурахшонро бунёд кардан, ворисони сазовор ва арзандаи аҷдодро тарбия намудан мушкил аст. Сарчашмаи рушду ривоҷи хотираи таърихӣ низ китоб аст.

Аввали солҳои 70-уми асри гузашта 12-13 сола будам. Назди падарам пирони деҳа, мӯйсафедон аз деҳоти ҳамсоя, гоҳ-гоҳ меҳмонон аз шаҳри Каттақӯрғону вилояти Сирдарё меомаданд. Меҳру оқибат пойдор буд он солҳо. Бародаронам, ки дар кор буданд, ман хидмат менамудам ва аз суҳбати онҳо баҳравар мешудам. Касеро бадному сарзаниш намекарданд онҳо. Бештар аз рӯзгори гузаштагон ёдовар мешуданд. Чистонҳои зиёд аз ёд медонистанд. Борҳо чистонборонам кардаанд. Бобои Тангриқули сирдарёӣ аз ҳама фаъол буданд. Бобои Алим аз ғазалиёти Ҳофиз қироат менамуданд...

Ҳамон солҳо борҳо дар суҳбати бародарам Субҳон бо ҳамсинфони собиқашон – устодон Абдуназари Набӣ ва Малики Раҳим, усто Сайид Зарифӣ, Расули Мавлон ва дигарон шоҳид будам. Суҳбати онҳо низ мавзӯи рангин дошт. Одатан лаҷоми суҳбат дар дасти устодони сухандон Абдуназари Набӣ ва Малики Раҳим буд. Маро бештар ҳаҷвиягӯйиву шеър аз ёд донистани Сайид Зарифӣ дар ҳайрат мегузошт. Борҳо баҳсҳои онҳоро оид ба асари ягон адиб шоҳид шудаам. Имрӯз тааҷҷубам меояд, ронандаву усто бо ҳам назди омӯзгорон доир ба ғоя ва қаҳрамонҳои кадом як роман ва ё қиссае баҳс мекунанд... Он солҳо тақрибан ҳар як хонадон ба маҷаллаҳои “Садои шарқ” ва ё рӯзномаи “Овози тоҷик” обуна буд. Он маҷаллаҳои адабию бадеиро аксарияти мардум бо марок мехонданд. Дар хонаҳо китобҳои бадеӣ буд. Хонандагон табодули китоб мекарданд. Ин раванд охири солҳои 80 ва аввали солҳои 90- ум ҳам тобиши нав пайдо кард. Баъзе оилаҳо баробари “Овози тоҷик”, ба ҳамаи он рӯзномаю журналҳои Тоҷикистони ҳамсоя обуна шуда, онҳоро мехонданд. Ба вазъи адабиёти илмию адабии ҳамзабонон ошно буданд. Он вақт шуъбаҳои алоқа беҳтар кор мекарданд. Ин масъаларо нисбати расонидани китобҳои бадеӣ не, аз дастрас намудани матбуоти даврӣ ёдрас намудам. Имрӯз, баъзан шумораҳои навбатии “Овози тоҷик”-ро то 2-3 ҳафта интизорӣ мекашем. Пас китобҳои бадеиро чӣ гуна бояд дастрас намуд?

Таклиф ва пешниҳоде доштам. Дар назди Маркази таълими ҷумҳурӣ шуъбаи Маркази таълими забон ва адабиёти тоҷик фаъолият дорад, ки миқдори хонандагони мактабҳои тоҷикии кишварро дақиқ медонад. Он бояд теъдоди нашри китобҳои таълимӣ ба забони тоҷикиро муайян кунад. Як таъкидро зарур медонам: дар интихоби китобҳои бадеӣ набояд ба иштибоҳ роҳ дода шавад, зеро на ҳамаи китобҳо дар як сатҳ мебошанд. Бояд ба нашр ва сифати китобҳои тарбиягирандагони таълимгоҳҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ эътибори бештар дод.

Аз набудану нарасидани китобҳои бадеӣ нолидан бас ас т, бояд тарки “хоби гарон” кард ва бо замон ҳамнафас буд. Зеро, тавре ки фармудаанд: кӯдак нагиряд, модар шир намедиҳад.

**Тангир РАҲМОНОВ,**
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**мактаби рақами 30-юми ноҳияи Нурато.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-535. Адади нашр 793, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.